Геха Фуд (Geha food), корхонаи нав таъсис шуда оиди коркарди помидор бо таљњизоти баландсифат ва сармоягузорињои хориљї бояд барои сектори коркарди маводи хурока ва маркетинг намунае менардид. Лоиња аз тарафи ХБА ва якчанд донорњои асосї дастгирї карда шуда буд.  Вале, лоихаро бекор
кардан лозим омад, чунки шароитњои пардохт риоя карда нашуданд. Дарсњои аз ин лоиха омўхта шуда чунинанд: (i) Бонк бояд хатарњои ба иљрои проектњои навоварона бањогузорї намояд, аз он љумла ба суръати амалї намудани ислоњот дар соњаи кишоварзї, рафтори фермерон дар давраи гузариш, стратегияи корпоративї ва ќобилияти њал намудани мушкилотњои гуногунтарафа; ва (ii) Бонк бояд кўшишњои ширкатњоро барои паст намудани хатарњои бо ичрои лоихањои агробизнесии Гринфилд дар Тољикистон вобаста бударо, дастгирї намояд, масалан бо роњи имзо намудани контрактњои дарозмуддати таъминотї бо фермерон.

Дар асоси душворињое, ки Бонк дар ин ду проектњои агробизнесии дар охири соли 1990 тасдиќ шуда (корхонањо оиди баровардани оби маъданї ва шарбатњо), дучор омад, Бонк дар фаъолияти минбаъдаи худ љидду љањди амиќи муносиб, бањодињии њолати бозор, ЊТ ва ягонагиро дар бар мегирад. Ба њар њол ба таври мунтазам расонидани дастгирии техникїро ба назар гирифтан лозим аст, барои бењтар намудани  ќобилиятњои њисобкунї, њисоботдињї ва маркетингии мизољон. Аз ин лињоз бояд роњњои бењтар намудани фаъолияти якљоя байни барномањои бонкї ва ЊМХ љуста таъсис дода шаванд.

***Сектори молиявї***

Барои њал намудани масалаи набудани маблаѓгузорї ва ё душвории дастрас намудани он барои ќисми зиёди ањолї ва баъзе секторњои муайян, Бонк тарњњои навоваронаро барои сектори молиявї љорї намуд.  Њадафи МКМТ мунтазам кам кардани ќарзњо ва дастрас намудани мизољони нав дар сектори Бонкї мебошад.  Дар аввал, Бонк бояд мутахассисони ин соњаро љалб намоянд якљоя бо тренерон (муаллимон) барои кормандони кредитдињї. Инњо мумкин мутахассиси молиявии савдои хурд, ва ё мутахассисони соњаи кишоварзї ва ё мутахассисони  тиљорати нонпазї бошанд.  Дуюм, хеле муњим аст, ки байни бонкњои мањаллї як механизми муайян омода шавад оиди мубодилаи маълумот дар бораи мизољони худ, то ки ќарзгирандагони онњо аз ягон бонки дигар

ќарздор набошанд, ва инчунин барои нигоњ доштани устувории микро-маблаѓгузорї.

Љорї намудани меъёрњои муайян, муфассал, ва то ба андозае консервативии пардохти маблаѓњо барои баланд бардоштани интизоми молиявии бонкњои партнерї ва ќарзгирандагони нињої хеле фоидаи калон расонд. Барои МКМТ ва ММХЌТ, дар ваќти кор карда баромадани лоињањо бо бонкњои партнерї (БП), созишномањои махсуси секторї љорї карда шуданд. Созишномањо, ба монанди созишнома оиди ба намоиши максималии пахта, намоиши максималии соња ва инчунин тарафњои дахлдор, аллакай дар дастгирї намудани таљрибаи бењтарини кори бонкї хеле босамар буданд ва њамзамон БП-њоро аз дахолати ѓайритиљоратї муњофизат намуданд. Ба њар њол барои роњ надодан ба ягон нофањмї оиди мўњлати пардохт, шартњои созишнома бояд пеш аз имзо шудан муњокима карда шаванд.  Ба созишнома инчунин љадвали тахминии пардохт ва љадвалї њадафиро изофа кардан мумкин аст.

Бонк ва БП-њо бо таъхирњои љиддии пардохт асосан бо сабаби набудан ва ё ба таъхир андохтани њисоботи аудиторї дар БП-њо дучор омаданд. Сабаби он вуљуд набудани ширкатњои калони байналмилалии аудиторї дар мамлакат ва равона намудани фаъолияти онњо ба дигар бозорњои љумхурињои собиќ Иттифоќи Советї, ба монанди Россия, Ќазоќистон ва њатто Ќирѓизистон мебошад.  Барои њал намудани ин масалањо ба Бонк лозим меояд, ки оиди масалањои аудиторї ба таври навоварона ва ўњдабароёна рафтор намояд, ва бинобар ин ба Бонк лозим омад, ки ба таври истисно ширкатњои аудитории дуюминдараљаро, ки бо бозори мањаллї шиносанд,  даъват намоянд. Ин раќобатро љорї менамояд ва сифати аудитро баланд мебардорад, ки барои кўшишњои лозимаи Бонк маводи асосии дастгирї кунанда мебошад.

***Инфраструктура(зерсохтор)***

Аз иљрои лоињаи якуми Бонк оиди инфраструктураи мунисипалї, Системаи обтаъминкунии ш. Хуљанд, мо дарсњои хеле муњими зерин омўхтем: (1) њар як баланд бардоштани тариф (нархњо) дар соњаи  обтаъминкунї баъд аз муњокима намудан бо љамоатњо  бояд љорї карда шавад ва Бонк бояд консультантро дар мусоњибаи он бо мизољони нињої, бо роњи иштирок намудан дар семинарњо оиди нарх ва истифодаи сарфакоронаи об, тавсиф намудани лоиња ва дар бораи натиљањои дар назар дошта шуда дастгирї намояд; (2) њамкории бевоситаи дутарафаи техникї бо чалби ширкатњои пешрав оиди обтаъминкунї бо таљрибаи зиёдтар (аз Литва барои системаи обтаъминкунии Хуљанд), барои иљрои муваффаќиятноки созишномањои асосии лоиња ва мубодилаи дониш наќши хело њам муњим бозид, ва (3) амалиёти устувори тиљоратии ширкатњои мунисипалиро њатто дар муњити душвор омода намудан мумкин аст, агар Бонк бо партнерони мувофиќ кор барад, ки барои ба талаботњои Бонк оиди идораи корпоративї мувофиќат намудан,  розї њастанд, ки услубњои амалї ва роњбарии худро таъѓир дињанд.

Лоиња оиди модернизатсия намудани Флотилияи Авиатсия давлатии Тољикистон (АДТ), ки моњи июли соли 2005 имзо шуда буд, барои кўмак расондан ба АДТ дар корњои омодагии он барои иљора гирифтани њавопаймоњои дар Ѓарб сохта шуда ва бо харољоти сарфакоронаи сўзишворї,

моњи октябри соли 2007 бекор карда шуд. Сарфи назар аз ўњдадорињои аввалаи Хукумат, ивази ногањонии роњбарияти АДТ ва таѓиротњои муњим дар бозори иљораи њавопаймоњо ва инчунин наќшаи нархгузории хизматрасонии АДТ, љозибанокии ин лоињаро барои мизољ кам намуд. Гарчанде, ки ин лоиња оиди Модернизатсия намудани Флоти Њавоии АДТ бекор шуда бошад њам, Бонк аз он дарсњои хеле муњим омўхт: (i) лоињањои ѓайри-мустаќил бо љалби ширкатњои давлатї бояд аз тарафи њокимият ва роњбарият сахт дастгирї карда шаванд; (ii) идораи ин гуна ширкатњо бояд мустаќил, касбї ва ба тиљорат равона карда шуда бошад; (iii) тањлили дурусти бозор бояд гузаронда шавад, ва; (iv) бо дигар ИМБ-њо бояд њамкорї ва мутобиќати даќиќ дар соњањои дахлдор оиди таљдид ва ё хусусигардонї ба роњ монда шавад. Бонк бо роњбарият ва АДТ дар бораи дастгирї намудани љараёни њозира оиди нархгузории хизматрасонї мусоњибаи лозима гузаронд.

### *1.4 Таносуби портфелї*

Лоињањои сектори хусусї дар портфели Бонк дар давраи стратегии пешина аниќ бартарї доштанд. 29 лоиња аз 36 лоњањои амалї шуда истода дар сектори хусусианд, асосан дар сектори молиявї. Аз ўхдадорињои умўмї ба маблаѓи 75.1 миллион евро, танњо 20.7 миллион евро кафолати давлатї дошт. Таносуби портфель то 76:24 ба фоидаи сектори хусусї расид, ки ин аз 60 фоизи ба њадаф гирифта шуда зиёд аст. Ин ба аввалиятњои (приоритетњои) стратегия Бонк ва чорчубаи ташаббуси КТКДАГ мувофиќат менамояд. Ин инчунин раванди мусоид мебошад бо назардошти ќарзи зиёдшуда истодаи сектори давлатии кишвар.

## 2. Муњити амалї

### 2.1 *Муњити ислоњоти умўмї*

#### 2.1.1 Рушди сиёсї

Точикистон љумњурии президентї мебошад бо шохаи пурзури њокимияти иљрокунанда, ки ба таври кофї аз тарафи сохторњои конунгузорї ва ё судї мувозї карда намешавад. Рўзи 6 ноябри соли 2006, Президент Эмомалии Рањмон бо 79 фоизи овозњо дар вазифаи худ боз ба 7 соли дигар монд. Сарќонуни (Конституцияи) таѓир дода шуда ба Президент Эмомалии Рањмон иљозат медињад, ки дар интихоботи дигар дар охири давраи њозираи њокимияти худ дар соли 2013 раќобат намояд. Гарчанде, ки дар интихоботи охирони Президентї интихоби њаќконї вуљуд надошт, интихобот дар муњити ором ва тинљ, бе ягон њолатњои зуроварї, ки бо назардошти таърихи љанги шањрвандї дар кишвар ва аз нав барќароркунї баъд аз низоъњо, ин хусусан писандида мебошад. Воситањои ахбори умум њоло њам зери назорати роњбарият мебошад, вале баъзе нашриянњои мустаќил вуљуд доранд.

Аз љињати сиёсати хориља бошад, Точикистон сиёсати «бисёрљонибаро» риоя менамояд, ки ба нигоњ доштани муомилаи баробар бо њама кишварњои њамсоя равона карда шудааст. Наздикии Афѓонистон бинобар масалањои ќочоќи маводи мухаддир бисёр ташвишовар мебошад. Чун њамешагї, муносибатњои

мустаҳкам бо Россия дар чанд соли охир давом доранд. Яке аз омилҳои нав ин иштироки зиёдшудаисодаи Хитой дар якчанд  лоиҳаҳо оиди инфраструктура дар Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон, ки аъзои ИДМ мебошад, кўшиш менамояд иштироки худро дар созмонҳои байналмилалї нигоҳ дорад, ба монанди ШОС (Созмони Ҳамкории Шанхай), ки Хитой, Россия, Ќазоќистон, Узбекистон ва Љумҳурии Ќирѓизистонро дар бар мегирад.

### 2.1.2 Муҳити иќтисодї

Дар Точикистон баъд аз иљрои стратегияи пешинаи соли 2005, зиёдшавии воќеии ММД  ба 7.2 фоиз дар як сол мушоҳида карда мешавад. Ба ҳар ҳол муҳити макроиќтисодї ҳоло ҳам хеле заиф мебошад. Гарчанде, ки афзоиши ҳозира дар натиљаи рушди секторҳои хизматрасонї ва сохтмон ба вуљуд омад, иќтисоди кишвар ҳоло ҳам аз рушди соҳаи кишоварзї, коркарди алюминий ва гидроэнергетика сахт вобастагї дорад, ва дар пеши таъсири ҳолатҳои ногаҳонї суст ва заиф мебошад, ба монанди таъсири манфии зимистони соли 2008, ки ѓайри муќаррарї хунук омад; таваррум, ки моҳи август ба ављи худ ба 27 фоиз дар ҳисоботи солона расид, ва баъд аз он аз ҳисоби паст шудани нархҳои байналмиллалии молҳо каме паст шуд.

Ошкор гаштани ќарзи хориљии давлатї дар охирҳои соли  2007, ки асосан ба кафолати захираҳои байналмилалии Бонки марказї барои маблаѓгузорї намудани соҳаи пахтакории кишвар дода шуда буд, ташвиши љомеаро дар бораи ҳолати бозоргирии байналмилалии кишвар зиёд намуд ва эътимодро ба идораи умўмии  сиёсати макроиќтисодии он суст намуд.

*Иќтисоди воќеї:* Афзоиши иќтисод аз  6.7 фоиз дар соли 2005 то 7.0 and 7.8 фоиз дар солҳои 2006 ва 2007 мутаносибан зиёд гашт, бо сабаби зиёд шудани талаботи истеъмолї, якљоя бо дохил шудани маблаѓҳои зиёли интиќоли пулї ва инчунин афзоиши сохтмон, ки асосан ба лоиҳаҳои калон оид ба инфраструктура дар соҳаҳои роҳсозї ва ќувваи барќ тааллуќ дошт. Ба иќтисоди кишвар зимистони ѓайри муќаррарї хунуки аввали соли 2008 таъсири сахте расонд, ки дар натиљаи он норасогиҳои зиёди ќувваи барќ ва ќатъ гардидани таъминоти хурока ба вуљуд омад. Аз рўи ҳисоби тахминї зарари ба иќтисод расонда шуда, 7 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад, гарљанде, ки дар давоми сол иктисод бо дастгирии фаъолияти хизматрасонї ва сохтмонї устувор монд, ва ба назар чунин мерасад ки дар соли 2008 инкишофи воќеї каме поён, ба 7.0 фоиз фаромад.  Таварруми НАИ дар моҳи августи соли 2008 дар ҳисоботи солона ба 27 фоиз расид, асосан вобаста бо баланд шудани нархҳои хурокаи ворид шуда, вале баъдтар дар моҳи ноябр, баъд аз пасттар гаштани нархҳои байналмиллалии молҳо, то ба 14 фоиз расид.

*Сиёсати иќтисодї:* Баъд аз он, ки дар охири соли 2007 роҳбарият ба вуљуд будани ќарзи хориљии давлат, ки то ҳоло маълум карда намешуд, иќрор гашт, эътимоди љомеа ба идораи  сиёсати макроиќтисодї хеле суст гашт. Ин ќарз асосан дар асоси кафолати захираҳои байналимиллалии Бонки марказї барои маблаѓгузории пешакии соҳаи пахтакорї гирифта шуда буд. Роҳбарият иќрор гашт, ки онҳо дар ҳисоботҳо маълумоти ададии макроиќтисодии ба фаъолияти бонк тааллуќ доштаро дар ваќти иљрои барномаи ХБА дар давраи аз моҳи

январи соли 2004 то моњи феврали соли 2006 нодуруст додаанд ва дар асоси ин маълумотњо ба онњо аз рўи ќарзи ХБА гузашт карда шуд. Аз рўи ќоидањои ХБА Тољикистон ўњдадор буд, ки ќарзи пардохтнашударо, таќрибан ба маблаѓи 47 миллион доллари амрикої, дар пардохтњои шашмоња, на дертар аз моњи сентябри соли 2008 оѓоз карда, супорад. Бо маќсади баргардондани эътимод, роњбарият барномаи нави бе маблаѓгузориро (барномаи мониторинги коргарон - (БМК)) бо ХБА моњи июни соли 2008 ба мўњлати шаш моњ оѓоз намуданд.

Марњилањои асосииислоњот чунинанд: (i) гузаронидани аудити (тафтишоти) махсуси Бонки марказї (БМ); (ii) даровардани ислоњоту таъѓиротњо ба ќонунњои ба БМ тааллуќ дошта барои баланд бардоштани мустаќилият ва дар оянда пешгирї намудани «ихтилофи манфиатњо» байни бонки марказї (танзимкунанда) ва сектори молиявї (танзимшаванда); (iii) аудити молиявии ширкатњои Талко ва Барќи Тољик ва (iv) дастрас намудани якчанд меъёрњои макроиќтисодии ададї, ки дар љамъ намудани захирањои байналмиллалї мусоидат менамоянд. Мувофиќи бањои якуми ХБА оиди иљрои БМК ба охири моњи сентябрь, Тољикистон дар иљрои марњалањои асосии ислоњот хеле пеш рафтааст, аз он љумла дар иљро намудани кор дар мањалњо вобаста ба аудити махсуси БМ Тољикистон.[2] Њадафњои миќдорие, ки ба охири сентябрь гузошта шуда буданд, ба таври васеъ дастрас гардидаанд, бо љамъ намудани захирањои байналмиллалї ва пасандози пулї (ба ѓайр аз барномањои давлатии маблаѓгузорї (БДМ, ки аз хориљ маблаѓгузорї карда мешаванд), ки ин аз сатњи њадафии лозима зиёдтар аст.

Сиёсати пулї дар солњои охир мутаносибан суст буд, ки аз як тараф инъикоси таъминоти ќарзи маќсаднок ба соњаи соњаи кишоварзї аз тарафи БМТ буд ва инчунин аз сабаби камтар баровардани ќоѓазњои ќимматноки кўтоњмуддат аз тарафи БМТ. Њаљми «пулњои васеъ» дар њисоби номиналї дар солњо 2006 ва 2007 мутаносибан ба 63 ва 79 фоиз зиёд шуд, дар ќиёс бо тез шудани суръати таваррум, гарчанде, ки афозиши таъминоти пулї инчунин талаботи зиёдшудаистодаро барои пул инъикос менамуд. Ќурби асъори миллї нисбати доллари амрикои нисбатан устувор монд, чунки дисбаланси савдо (таќсимоти нодуруст) бо воридоти зиёди интиќоли пулї пур карда мешуд.

Мувозинаи пулї, ба ѓайр аз БДМ –њои аз хориља маблаѓгузорї карда шуда ва бахшидани ќарз аз тарафии ХБА дар соли 2006, аз соли 2005 дар изофа буд. Якљоя бо БДМ-њо ва бахшидани ќарз, мувозинаи умўмии давлатї аз дефисити ММД дар њаљми 2.9 фоиз дар соли 2005 то ба изофаи 1.7 фоиз дар соли 2006 зиёд шуд ва баъд дар соли 2007 то касри (дефисити) 6.2 фоиз фаромад. Мумкин аст дар соли 2008, касри пулї то ба 7.6 фоизи ММД зиёд шуда бошад, ки он инъикоси БДМ –њои аз хориља маблаѓгузорї карда шуда истода дар секторњои роњсозї ва ќувваи барќ мебошад, ва инчунин харољотњои зиёд шуда истода барои маоши коргарон ва дигар харољотњои иљтимої, ба монанди додани нафаќањо ва кўмакпулињои маќсаднок барои оилањои камбизоат.

*Соњаи муносибатњои хориљї:* Касри њисоботи њозира якбора аз 2.8 фоиз дар соли 2006 то ба 11.2 фоизи ММД дар соли 2007 зиёд гашт, ки асосан инъикоси

[2] Хазинаи Байналмилалии Асъор, *Бањодињии якум зери барномаи мониторинги коргарон, 2008. Моњи декабри соли* 2008.

воридоти зиёдшудаи молњо буд ва инчунин хизматрасонии вобаста ба БДМ-њо, ки аз тарафи Бонки воридоту содироти Хитой маблаѓгузорї шуда буд. Мувозинаи савдо ба монанди касри савдо аз 35 фоиз дар соли 2006 ба 45 фоиз дар соли 2007 зиёд шуд. Касри калони савдо ќисман аз њисоби воридоти интиќоли пулї пур карда шуд, ки соли 2007 38 фоизи ММД-ро ташкил кард. Сарфи назар аз нархњои баланд барои алюминий дар сатњи байналмиллалї, ки яке аз молњои асосии содиротии Љумњурї дар солњои охир гашт, ва инчунин устувор гаштани нархњои пахта, шароитњои савдо дар Љумњурї боз њам бањдтар шуда истодаанд, чунки дар Љумњурї танњо њаќќи коркард гирифта мешавад, ки новобаста аз нарху наво якхела мебошад, дар њоле ки нархњо барои молњои асосии воридотї, ба монанди газ ва гандум якбора баланд гашт. Тахмин меравад, ки соли 2008 касри савдо боз њам зиёдтар гашта ба 53 фоизи ММД мерасад, ки онро зимистони сард дар нимаи аввали сол боз њам афзун мегардонад. Ба њар њол тахмин меравад, ки дефисити њисоботии њозира камтар шуда ба 9.7 фоизи ММД мерасад. Ин инъикоси даромади зиёди интиќоли пулї ба кишвар мебошад, ки ба 2,3 миллиард доллари амрикои расид (48 фоизи ММД).

Баъди аз нав дида баромадани шароитњои ќарз ва бахшидани ќарз аз тарафи Россия ва дигар ќарздињандагон ва ХБА, ќарзи хориљии кишвар аз 84 фоизи ММД дар соли 2003 то ба 42 фоизи ММД дар соли 2006 фаромад.[3] Пастшавии таносуби ќарз давом ёфта дар соли 2007 ба 41 фоизи ММД расид, сарфи назар аз тарафи Хитой дода шудани ќарз (заём) ба маблаѓи 604 миллион доллар барои маблаѓгузорї намудани проектњо дар сектори инфраструктура ва энергетика. Бо назардошти ќарзи иловагї ба маблаѓи 200 миллион доллари амрикои аз Хитой, ки моњи сентябри соли 2008 барои инфраструктура имзо карда шуд ва ва бо шарте, ки дигар проектњои инфраструктура бо маблаѓгузоии хориљї дарояндаи наздик иљро карда мешаванд, тахмин меравад, ки ќарзи хориљї нисбат ба таносуби ММД таќрибан 40 фоиз мемонад. Ба њар њол ин таносуб аз беќурбшавии асъор дар њисоби аслї, ки бо сабаби садамањои беруна ба вуќуъ мепайвандад, сахт вобастагї дорад.

*Пешояндњо ва хатарњо:* Мумкин аст дарояндаи наздик муњити берунаи харобшуда истода афзоиши ММД-ро таќрибан ба 5 фоиз фарорад бо сабаби кам шудани интиќолњои пулї ва воридоти суст. Дарояндаи аз он дуртар бошад, пешоянди афзоиш бо рафти ислоњот дар соњаи кишоварзї, ки 23 фоизи ММД-ро ташкил медињад, ва инчунин ислоњот дар ширкатњои давлатї ба монанди Талко (ширкати гудозиши алюминий) ва Барќи Тољик (ширкат оид ба истењсоли барќ), ки њоло њам дар соњаи саноатї бартарї доранд, вобастагї дорад.[4]

Хатари баландтарини макроиќтисодї дарояндаи наздик ва баъдтар аз он ин њолати ноустувори бозоргирии хориља мебошад. Захирањои байналмиллалии

[3] Соли 2004 Россия свопи «ќарз-сањмњо» ба маблаѓи таќрибан US$ 270 миллион таъмин намуд, Покистон дар соли 2004 ќарзро ба њаљми US$ 13 миллион бекор кард, ХБА дар соли 2006 аз ќарз ба њаљми US$ 99 миллион гузашт кард, Эрон пардохти ќарзи худро дар соли 2006 ба маблаѓи US$ 25 миллион ба 2 сол ба аќиб гузошт ва Узбекистон пардохти ќарзи худро дар њаљми US$ 8 миллилон дар соли 2006 ва 2007 ба соли 2008 гузаронд.
[4] Истењсолти мањсулот аз тарафи Талко ва Барќи Тољик дар соли 2007 мутаносибан 13 ва 2 фоизии ММД-ро ташкил намуд.

бонки миллии Тоҷикистон, ки дар охири соли 2007 US$ 297 миллионро ташкил медоданд, барои гаравҳо ва кафолатҳо сарф шуда буд (мутаносибан US$ 241 миллион ва US$ 77 миллион), ки БМТ барои гирифтани қарзҳо аз бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ барои маблағгузории пешакии соҳаи пахтакорӣ дода буд. Дар соли 2008, сарфи назар аз афзоиши зиёди касри савдо, захирахои байналмиллалӣ (ба ғайр аз он захираҳо, ки барои қарзгирӣ ба гарав монда шуда буд, аз US$ 56 миллион (7.1 фоизи «пулҳои васеъ») дар охири соли 2007 то ба US$ 167 миллион (20.9 фоизи «пулҳои васеъ») дар охири сентябри соли 2008 зиёд шуд, аз ҳисоби зиёд шудани интиқолҳои пулӣ. Ба ҳар ҳол мумкин аст ҳаҷми ворид гаштани интиколҳои пулӣ кам шавад, чунки сектори сохтмонии Россия, ки мухоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон асосан онҷо кор мекунанд, бо шиддат кам шуда исодааст. Паст шудани нархҳои байналмиллалии молҳои асосии содироти кишвар – пахта ва алюминий- инчунин метавонад ба шароитҳои савдо ва ҳам ба ҳаҷми содирот таъсири манфӣ расонад.

Дар кишвар аз сабаби садамаҳои макро-иқтисодӣ мумкин аст талабот барои асъори хориҷӣ якбора зиёд шавад. Дар шароити муҳити вайрон шуда истодаи беруна ХБА ба роҳбарият тавсия дод, ки сиёсати пулии худро ба маҳдуд намудани афзоиши пули нақд равона намояд, ва сиёсати худро оид ба қурби асъор, бо мақсади мусоидат намудан ба танзими беруна, ба ҷунбишҳои бозор, мувофиқ намояд. Дар соли 2009, сиёсати пулӣ бо зиедшавии сарфи капитал ва хароҷотҳо барои додани маоши кормандони корхонаҳои давлатӣ вусъат меёбад, вале ХБА маслиҳат дод, ки барои таъмин намудани касри даромад ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, бояд як ҷузъи гироӣ ба кор бурда шавад. Хатарро ба устувории макро-иқтисодӣ бо ҷорӣ намудани барномаи нави якҷоя бо ХБА маблағгузорӣ карда шуда дар соли 2009 кам кардан мумкин аст, баъд аз бомуваффақият иҷро намудани БМК, ки он бозоргирии кишварро пурзуртар намуда ба дастрас намудани маблағгузорӣ аз дигар созмонҳои байналмиллалӣ мусоидат менамояд.

### 2.1.3 Шароити экологӣ

Точикистон ягона кишварест дар Осиёи Марказӣ, ки захираҳои обии зиёд, ва инчунин заминҳои корам ва минтақаҳои кӯҳистонӣ, ва якчанд намудҳои нодири ҳайвонот ва растаниҳо дорад. Ин кишвар ба баъзе фишорҳои муҳити атроф (экологӣ), аз он ҷумла ба биёбоншавии заминҳо мубтало мебошад ва Тоҷикистон якҷоя бо Бонки Умумиҷаҳонӣ (БУ) ва Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид (БРСММ) Нақшаи кории миллиро оид ба муҳити атроф (НКММА) амалӣ карда истодааст. Ҳамчун камбизоаттарин кишвари ИДМ, ба Точикистон лозим меояд, ки баъзе масъалаҳои муҳити атроф ва тандурустии бо он вобастаро бо назардошти беҳтар намудани шароити иқтисодии одамон ҳал намояд. Точикистон якчанд эъломияҳо ва созишномаҳои байналмиллалиро оиди муҳити атроф имзо намуда, нақшаи чорабиниҳои лозимаро кор карда баромад. Точикистон бисёр ӯҳдадориҳоро аз рӯи ин эъломияҳо ва нақшаҳо танҳо иҷро намуда наметавонад. Эҳтимол дар ояндаи наздик барои беҳтар намудани тарзи идораи муҳити атроф ва талаботҳои он ба кишвар кӯмаки зиёд расондан лозим меояд. Ба назар чунин мерасад, ки шумораи созмонҳои ғайрихукуматӣ, ки оиди муҳити атроф кор мебаранд, солҳои охир кам шуда

истодааст. Маълумоти муфассалтарро оиди ин масъала шумо метавонед дар Замимаи 3 дарёфт намоед.

### 2.1.4 Масъалањои мењнат

Точикистон аз соли 1993 инљониб аъзои Созмони байналмиллалии мењнат (СБМ) мебошад. То њозира 46 эъломияњои СБМ имзо карда шудаанд, аз он љумла њашт эъломияњои асосї аз байни 188 эъломияњои СБМ. Тољикистон њоло ба СБМ оиди ба кор бурдани эъломияњои имзо карда шуда њисобот насупоридааст.

Кодекси мехнат аз 15 маи соли 1997, ки охирон бор ба он таъѓирот моњи апрели соли 2006 доваварда шуда буд, њуќуќњои асосии кордињандагон ва коргаронро пешбинї менамояд, аз он љумла њуќуќхои коргаронро барои њамроњ шудан ба иттифоќњои мехнати. Ин кодекс инчунин дискриминатсияро (поймолкунии њуќуќњоро) дар муносибатњои мењнатї ва инчунин мехнати маљбуриро манъ менамояд. Њимояи коргарон, ба њар њол, аз љињати молиявї хеле мањдуд мебошад. Кўмакпулї дар ваќти аз кор рафтан баробари чоряки маоши моњонаи коргар зарби шумораи солњои мењнати коргар мебошад. Истифодаи контракт бо мўњлати муайян иљозат дода мешавад, ва мўњлати огоњонидан, ки барои ќатъ намудани контракт лозим аст, нисбатан кутоњ аст – аз 1 то 2 моња. Кўмакпулї барои бекорї танњо барои 3 моњ дода мешавад, ва ин сатњи нисбатан пасти бекории баќайд гирифта шударо дар кишвар шарњ дода метавонад.[5] Моњонаи минималї (њадди аќал) аз 20 сомонї (US$ 5.7) то ба 60 сомони (US$ 17) дар моњи июли соли 2008 зиёд карда шуд, вале њоло њам ин камтар аз US$ 1 ба як рўз туѓрї меояд.

Яке аз проблемањои асосї барои кишвар, ки фоизи хеле баланди ањолии ќобили мењнат ба муњољирати мењнати мераванд, таъмини он мебошад, ки онњо зери хатари ба њолати тањќиркунанда ва ё истисморї афтидан набошанд, ва њуќуќњои инсонї ва инчунин њуќуќи онњо ба мењнат поймол карда нашавад. Дар ин бобат Точикистон эъломияњои СБМ-ро оиди коргарони мухољир тасвиб намуд ва инчунин созишномањои дутарафаро бо Россия ва Ќазоќистон оиди муњољирати мењнати дар соли 2007 имзо намуд.

Мењнати кудакона, чи тавре, ки дар эъломияњои СБМ тањти раќами 138 (синну соли аќаллї) ва тањти раќами 182 (дар бораи намудњои бадтарини мењнати кудакона) њоло њам масаъалаи њалталаб мебошад. Синну соли аќаллї барои мењнат намудан дар Кодекси мехнат 15 сол муайян карда шудааст, ки ин аз 16 соли дар эъломияи СБМ муайян карда шуда камтар мебошад. Бар хилофи фармони Президент аз соли 2006 дар бораи манъ намудани кор фармудани мењнати кудакон дар сањроњои пахта, кудаконро њоло њам барои љамъоварии њосили пахта сафарбар менамоянд. Мувофиќи маълумоти аз СБМ гирифта шуда шумораи кудакони дар соњањои ѓайри пахтакорї мењнат мекардагї, ба

[5] Маълумот оиди бекори дар асоси тањќиќот дар кишвар вуљуд нест. Сатњи бекорї, ки расман ба ќайд гирифта шуда буд дар соли 2007 – 2.1 фоиз буд, ва дар соли 2006 таќрибан дигар нашуд ва 2.2 фоиз буд.

монанди бозорњо, фурудгоњњо, корхонањо ва кўчањо солњои охир зиёд шуда истодааст, асосан бо сабаби камбизоатї.[6]
Мувофиќи њисоботи Департаменти Давлатии ИМА аз соли 2007, Тољикистон кишваре мебошад, ки бисъер мардњо ва занњо аз инљо гирифтори хариду фуруши одамон бо маќсади мењнати маљбурї ва истисмори шањвонї (сексуалї) мегарданд. Дар ин њисобот Тољикистон њамчун кишвари Дараљаи 2 муайян карда шудааст, яъне кишваре, ки ба стандартњои аќаллї барои нест кардани хариду фуруши одамон ба таври пурра мувофиќат наменамояд, вале барои мувофиќат намудан ба он кўшишњои зиёде менамояд.[7]

### 2.1.5 Шароитњои иљтимої

Точикистон њоло њам яке аз кишварњои камбизоаттарин мебошад, ки БАТР дар онљо фаъолият менамояд. Даромади солона ба њар як сари ањолї дар соли 2007 US$ 580 буд. Рушди устувори иќтисодї дар солњои охир якљоя бо воридоти зииёди интиќолњои пулии муњољирони тољик аз хориљи кишвар сатњи камбизоатиро паст намуд. Мувофиќи тадќиќоти соли 2007, сатњи камбизотї ва ќашшоќї дар соли 2007 мутаносибан 53 ва 17 фоиз буд.[8] Њадафњои дар Стратегияи ЉТ оиди паст намудани сатњи камбизоатї барои солњои 2007-2009 гузошта шуда, барои камбизоатї ва ќашшоќї 52 ва 10 фоиз мебошанд ва мутаносибан дар соли 2009 тањлил шуда истодаанд. Интиќолњои пулї, ки соли 2007 ќариб 38 фоизи ММД-ро ташкил доданд, барои баровардани оилањо аз ќашшоќї, хусусан муњим шуморида мешаванд, чунки маблаѓњоро барои харидани хурока ва дигар лавозимоти асосї ва инчунин барои маълумотгирї ва барои тандурустии онњо таъмин менамоянд. Ба њар њол, њоло њам фарќият дар сатњи камбизоатї байни минтаќањо хеле зиёд аст (љадвали 2).

---

[6] Офиси Созмони Байналмилалии мењнат, *Барномаи Тољикистон оид ба кори сазовор,* 2007.

[7] Департаменти давлатии ИМА, *Њисобот оиди хариду фурўши одамон, июни соли 2007.*

[8] Кумитаи давлатии омори Љумњурии Тољикистон, *Тањќиќоти сатњи зиндагии ањолии Тољикистон(ТСЗАТ) 2007.* Сатњи камбизоатї дар тањќиќоти соли 2007 дар асоси фоизи ањоли шуморида шуда буд, ки даромади якрўзаи онњо аз 4.56 сомонї камтар мебошад (хати камбизоатї) ва камтар аз 2.92 сомонї дар як рўз (хати ќашшоќї). Дар тањќиќоти соли 2003, сатњи камбизоатї дар асоси фоизи ањоли шуморида шуда буд, ки даромади якрўзаи онњо US$ 2.15 мебошад, аз љињати таносуби ќобилияти харидорї (ТЌХ) (хати камбизоатї) ва US$ 1.08 ТЌХ (хати ќашшоќї). Аз љињати ТЌХ хатњои камбизоатї ва ќашшоќї, ки дар тањќиќоти с. 2007 имтифода шуданд, таќрибан US$ 4.22 дар як рўз ва US$ 2.70 дар як рўз мебошад.

**Љадвали 2: Нишондодњои сатњи камбизоатї дар Тољикистон дар соли 2007, дар фоиз**

| | **ФОИЗИ УМЎМИИ КАМБИЗОАТИ** | | | **ТАМАРЌУЗИ КАМБИЗОАТЇ** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Точикистон | Умўмї | Шањр | Дењот | Умўмї | Шањр | Дењот |
| Камбизоатї | 53.1 | 49.3 | 54.4 | 100 | 24.4 | 75.6 |
| Ќашшоќї | 17.4 | 18.9 | 16.9 | 100 | 28.6 | 71.4 |
| **Душанбе** | | | | | | |
| Камбизоатї | 42.7 | 42.7 | na | 8 | 31 | na |
| Ќашшоќї | 16.1 | **16.1** | na | 9 | 30 | na |
| **Вилояти Худмухтори Бадахшони Кўњї** | | | | | | |
| Камбизоатї | 42.9 | 19.3 | 46.5 | 3 | 1 | 3 |
| Ќашшоќї | 10.3 | 2.2 | 11.5 | 2 | 0 | 2 |
| Хатлон | | | | | | |
| Камбизоатї | 47.0 | 52.5 | 45.8 | 32 | 25 | 34 |
| Ќашшоќї | 8.7 | 15.1 | 7.4 | 18 | 19 | 18 |
| **Нохияњои тобеияти љумњуриявї (гирду атрофи Душанбе, ба ѓайр аз Душанбе)** | | | | | | |
| Камбизоатї | 47.4 | 56.8 | 46.1 | 20 | 12 | 22 |
| Ќашшоќї | 13.6 | 23.8 | 12.1 | 17 | 13 | 19 |
| **Суѓд** | | | | | | |
| Камбизоатї | 69.4 | 53.6 | 74.3 | 39 | 31 | 41 |
| Ќашшоќї | 31.8 | 24.5 | 34.3 | 54 | 38 | 61 |

*Манбаъ:* Кумитаи давлатии омори Љумњурии Тољикистон, *Тањќиќоти сатњи зиндагии ањолии Тољикистон(ТСЗАТ) 2007.*

Дарозии миёнаи умр бо сатњи зоиш ва фавт нисбат ба 1000 кўдаки таваллудшуда дар солњои 2000-2005 (соли охироне, ки маълумоти лозима вуљуд дорад), мутаносибан аз 63.4 то 64 сол ва аз 75.2 то 59.1 бењтар гардид. Умуман гирем, ањолї ба лавозимотњои асосї, ба монанди оби нўшидани ва системаи канализатсионї дастрасї надорад, ки ин саломатии одамонро заиф мегардонад ва маблаѓгузории иловагиро талаб менамояд. Илова бар ин, дастрасї барои хизматрасонињои асосї байни шањру дењот ва байни нохияњо фарќ менамояд.

Дар Тољикистон њам ба монанди дигар кишварњои дар давраи гузариш буда фарќияти гендерї вуљуд дорад: занњо нисбат ба мардњо ба имкониятњои иќтисодї, тандурустї ва маълумотгирї дастрасии камтар доранд ва аз љињати сиёсї на он ќадар ќудрат доранд. Илова бар ин масъалањои гендерї дар

Тоҷикистон бо камбизоатї зич алоќаманд мебошад. Гарчанде, ки дар таносуби умумии камбизоатї байни хонаводаҳое, ки сардори он зан мебошад, нисбат ба хонаводаҳое, ки сарварии онро мард мебарад фарќият бисьёр набошад ҳам, бо назардошти фарќият дар таќсим намудани захираҳо байни мардҳо ва занҳо дар худи хонавода, сатҳи умумии камбизоатї байни занҳо нисбат ба мардҳо хеле зиёд буд[9].

## 2.1.6 Ислоҳот дар ќонунгузорї

Муҳити ќонунгузорї дар Тоҷикистон яке аз камтарин тараќќишуда дар минтаќае, ки он ҷо БАТР амалиёт менамояд, мебошад. Ќонунҳои тиҷоратї, ба таври умумї гирифта шуда, бо меъёрҳои байналмиллалї кам мувофиќат менамоянд, ва гузаронидани ислоҳот дар якчанд соҳа лозим мебошад, хусусан дар ќонунҳо оиди бозори ќоғазҳои ќиматнок ва муфлисї. Илова бар ин кори начандон хуби системаи судї сабаби ташвиши сармоягузорон мебошад.

Ба ҳар ҳол баъд аз соли 2005 каме пешравї дида мешавад. Соли 2007 ќонуни нав дар бораи ширкатҳои муштараки саҳҳомї ќабул шуда буд, ки он аз бисёр ҷиҳатҳо ба меъёрҳои байналмиллалї мувофиќат менамояд, масалан аз ҷиҳати ҳуќуќҳои саҳмгузорон, гарчанде ки ҳоло ҳам нисбати наќши тарафҳои дахлдор, маълумотдиҳї ва шаффофият ва инчунин механизмҳо барои таъмин намудани чорчубаи натиҷабахши идораи корпоративї ҳанўз ҳам пурра мувофиќат наменамояд. Соли 2007 ќонуни нав дар бораи сармоягузориҳои хориҷї ќабул шуда буд. Ин ќонун ба сармоягузорони хориҷї якчанд ҳуќќҳо медиҳад, аз он ҷумла ҳуќуќ барои гирифтани даромад аз сармоягузориҳо. Дар соли 2007 инчунин ќонуни нав дар бораи тамғаи савдо ва тамғаи хизматрасонї ќабул карда шуд.

Дар соҳаи гарави кафолатдор ва ба ќайд гирифтани моли ғайриманќул, пешравии зиёд ба назар мерасад. Ќонун дар бораи ба гарав гузоштани моликияти манќул моҳи марти соли 2005 эътибурнок гашт (ба ғайр аз ќисми 1, ки соли 2006 эътибурнок гашта буд) ва охирон моҳи апрели соли 2008 ќонуни нав дар бораи кафолат ќабул карда шуд, ки ба ќарздиҳии кафолатї мусоидат мекунад.

Ќонуни нав дар бораи баќайдгирии моликияти ғайриманќул инчунин моҳи марти соли 2008 ќабул карда шуд ва ин як ќисм аз корҳои умумї оид ба тағир намудан ва пурратар гардонидани ќонунгузорї нисбати моликияти ғайриманќул, ќайди он ва ҳуќуќи кафолатї мебошад. Натиҷаҳои ин ќонунҳои навро ҳоло дидан лозим аст ва инчунин мувофиќ намудани онро бо чорчўбаи ќонунгузории ҳозира (асосан Кодекси гражданї ва Кодекси замин) санҷидан лозим аст.

Инчунин, як пешравии дигар ин ќабул шудани ќонуни деринтизори Арбитражї дар таърихи 5 январи соли 2008 буд. Ин ќонун норасогиҳоро дар танзими арбитраж дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф менамояд ва тартиботи лозимаро барои ҷорї ва иҷро намудани ќарорҳои арбитражи миллї таъмин

[10] Бонки Рушди Осиё. *Раванди асосии гендерї дар Стратегия оидипаст намудани сатҳи камбизоатї, Тоҷикистон, Баҳодиҳии ғендерии кишвар, 2006*

менамояд. Ба ҳар ҳол Тоҷикистон бояд эъломияи Нью-Йоркро аз соли 1958 дар бораи Эътироф намудан ва иҷрої намудани қарорҳои арбитражї хориҷї қабул намояд. Инчунин Тоҷикистон яке аз ду кишварҳои амалиёти БАТР мебошад, ки ҳоло инро накардааст.

### 2.1.7. Ҳамкории минтақавї

Тоҷикистон кишваре мебошад, ки аз ҳама тараф танҳо роҳҳои заминї дорад ва ин кишвар ҳамеша фаъолона роҳҳои ҳамкории минтақавиро меҷўяд. Россия аз ҳама партнери (шарики) муҳим дар масъалаҳои савдо, сармоягузориҳои бевоситаи хориҷї мебошад ва инчунин кишвари асосї барои рафтани муҳоҷирони меҳнатї мебошад. Савдо бо Россия дар соли 2007 22 фоиз савдои умумиро ва инчунин 60% даромади умумии МСБ-ро дар 2006 ташкил медод, ки асосан бо сохтмони стансияи гидроэнергетикии Сангтўда 1 вобаста аст. Сохтмони Сангтуду 1 аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон ва Интер РАО-и Россия спонсорї карда шудааст. Россия инчунин манбаи асосии интиқоли пулї барои Тоҷикистон мебошад.

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Хитой манбаи асосии дастгирии молиявии ду тарафа барои рушди калонҳаҷми инфраструктура дар сектори роҳсозї ва қувваи барқ гашт. Дар моҳи июни соли 2006 роҳбарият шартномаи кредитиро дар ҳаҷми умумї 604 миллион доллар бо Бонки воридот ва содироти Хитой имзо намуд барои сохтани ду хати баландволтаи қувваи барқ барои пайваст намудани қисми шимолї ва ҷанубии мамлакат ва минтақаҳои дар ҷануббуда, ва инчунин барои барқарор намудани роҳ байни Тоҷикистон ва Ўзбекистон. Дар моҳи сентябри соли 2008 боз шартномаи иловагї ба маблағи 200 миллион доллар барои сохтани стансияи барқии нав имзо карда шуд. Қазоқистон инчунин партнери муҳимтар гашта истодааст дар масъалаҳои воридот ва сармоягузориҳои бевоситаи хориҷї. Байни Тоҷикистон ва Қирғизистон баъзан дар сарҳад нофаҳмиҳо ба вуҷуд меояд, вале агар ба таври умумї гирем, муносибатҳо хеле хубанд. Муносибатҳо бо Туркманистон баъд аз давраи ҳукмронии Ниёзов хеле беҳтар шуданд. Дар солҳои охир Тоҷикистон муносибатҳои худро бо Афғонистон дар соҳаи савдои қувваи барқ мустаҳкам намуд. Соли 2007 ин ду кишвар шартномаи протоколиро имзо намуданд, ки мувофиқи он Тоҷикистон ўҳдадор мегардад, ки ба Афғонистон дар давоми моҳҳои тобистон қувваи барқро интиқол намояд ва ҳозир хати интиқоли қувваи барқ, ки ин ду кишварро мепайвандад сохта шуда истодааст.

Муносибатҳо бо Ўзбекистон, ки ҳамсояи муҳим мебошад, муносибатҳо ҳам асосан бинобар истифодаи об ва манбаҳои энергетикї душвор аст. Алоқаи нақлиётии Тоҷикистон байни шимол ва ҷануби мамлакат ва инчунин бо Афғонистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои охир бинобар иҷрои якчанд лоиҳаҳои барқароркунї беҳтар гашт, вале Ўзбекистон ҳоло ҳам барои Тоҷикистон дар масъалаи алоқаи роҳи оҳан бо ҷаҳон нақши муҳимеро мебозад. Ўзбекистон инчунин таъминотгари асосии қувваи барқ ба Тоҷикистон мебошад барои пурра таъмин намудани касри барқи кишвар дар давраи зимистон. Инчунин Узбекистон ягона таъминотчии қувваи барқ дар шимоли Тоҷикистон мебошад. Муносибатҳо байни ду кишвар, бинобар кўшишҳои Тоҷикистон барои ба охир расондани сохтмони стансияи гидроэнергетикии

Роѓун, барои ба даст овардани мустаќилияти энергетикї ва истифода бурдани иќтидори худ оиди содироти ќувваи барќ ба Афѓонистон ва Покистон, боз њам баъдтар гаштанд. Узбекистон, ки дар поёноби Тољикистон љойгир шудааст, дар ташвиш аст, ки ба охир расондани сохтмони стансияи гидроэлектрикии Роѓун метавонад ба њаљми об, хусусан дар соњаи кишоварзї, зарар расонда метавонад. Бонки умумиљањонї оиди Роѓун тадќиќот гузаронида истодааст, ки мувофиќи он таъсири иќтисодї, иљтимої ва экологии ин лоиња ба кишварњои поёноб њаматарафа санљида мешавад.

## *2.2. Рушди иќтисодї ва пешравї дар давраи гузариш*

### 2.2.1. Пешрафї дар давраи гузариш

Тољикистон дар мувофиќат намудан ба меъёрњои бозори иќтисодї каме пешрафї ба даст овардааст ва њоло њам дар назди зарбањои беруна бинобар мутамарказ гардонидани фаъолият дар истењсоли пахта, истењсоли ќувваи барќ ва коркарди аллюминий, ки мероси Иттифоќи советї мебошад, хеле заиф аст. Пешравї бисёртар дар хусусигардонии њаљмаш хурд дида мешавад, ва инчунин дар масъалањои озодкунии нарху наво, савдо ва мубодилаи асъор, ки солњои аввали давраи гузариш иљро шуда буд. Вале монеъањои њоло њам вуљуд дошта ба монанди мањдудкунии гузаронидани њуќуќњои заминдорї ва назорати давлатї дар соњаи пахтакорї ба кишвар дар дастрас намудани дараљаи иќтисоди пешравии саноатї халал мерасонад (гарчанде ки солњои охир дар ин соњањо каме пешравї ба даст оварда шудааст-ба поён нигаред). Пешравии камтар дар иљрои ислоњотњои душвортар ба даст оварда шуд, ба монанди хусусигардонии калонњаљм, идора ва таљдиди корхонањо, сиёсати раќобатї, ислоњоти бонкї, ва инчунин ислоњотњо дар соњаи молиявии ѓайрибонкї ва ислоњоти инфраструктура (диаграммаи 1) .

**Љадвали 1. Нишондоњои давраи гузариш дар Тољикистон, соли 2008**




Манбаъ: Њисоботии БАТР оиди давраи гузариш, 2008
Эзоњ: Нишондодњо аз 1, ки пешравии камро ё ки тамоман набудани пешравиро нишон медињанд, то 4+ дода шудаанд, ки ба меъёрњои иќтисодиёти кишварњои тараќќи ёфта баробаранд.

*Хусусигардонии њаљмаш хурд; озодкунии нархњо, савдо ва мубодилаи асъори хориљї:* Тољикистон дар охирњои соли 90 дар хусусигардонии њаљмаш хурд, озодкунии нархњо, савдо ва мубодилаи асъори хориљї пешравии зиёде ба даст овард. Хусусигардонии корхонањои хурд дар солњои 1998/1999 суръат гирифт ва њозир ба охир расидааст. Нархњо асосан озод карда шудаанд, ба ѓайр аз он хизматрасонињое, ки аз тарафи роњбарияти танзимкунанда идора карда мешавад. Соли 2001 Љумњурї ба аъзогї ба Созмони Байналмиллалиии Савдо (СБС) муроњиат намуд, ва њоло дастраси ба бозори дуљониба зери гуфтушунид мебошад. Љумњурї мувофиќи моддаи 8-уми ХБА дар соли 2004 ўњдадорињоро ќабул кард ва имрўз барои табдили озоди асъори хориљї барои доду гирифтњои байналмиллаии њозира ягон мањдудият нест.

Пешравї дар ислоњотњо дар соњаи кишоварзї, аз он љумла ислоњоти замин ва озодсозии кишт, коркард ва истењсолот дар соњаи пахтакорї суст ва ноњамвор мебошад, ки натиљаи он камшавии њосилнокї ва зиёдшавии ќарз дар соњаи пахтакорї мебошад. (ба расми 1 дар поён нигаред). Љавобан, соли 2007 Фармони Президенти Љумњурии Тољикистон («Фармони №111») имзо карда шуд, ки дар он имконияти пурра гузаронидани њуќуќи заминдорї ва озодии хољагидорї пешбинї шуда буд. Моњи январи соли 2008 дар Кодекси замин, ки ба наздикї таѓйир дода шуда буд, чорчўбаи ќонунї барои пурра гузаронидани њуќуќњои заминдорї омода шудааст. Ба њар њол барои ба таври самаранок амалї намудани ќонун, боз ќонунгузории иловагї лозим аст, ки тартиби лозимаро муайян менамояд. Кодекси нав инчунин барои роњбарияти мањаллї барои мудохила намудан ба таври истифодаи замин озодии зиёдеро медињад. Барои мавсими кишти соли 2008 њокимияти мањаллї маблаѓгузории пешакии ѓайринаќдиро ба фермерон аз тарафи

маблаѓгузорони соњаи пахтакорї манъ намуданд. Ин гуна маблаѓгузорї њамчун яке аз сабабњои асосии ба њаљми зиёд ќарздор гаштани хољагидорон ба танќид гирифта шуд. Роњбарият ба бонкњо маблаѓгузории буљетиро дар њаљми 40 миллион доллари амрикої барои ќарз додан ба хољагидорон дар бисёр ќисмњои љумњурї људо намуд. Коркарди пахта ва фурўши он бо иљро намудани механизмњои шаффоф дар љараёни нахљудокунии пахта озод карда шуд. Барњам намудани талабот оиди гирифтани иљозатнома барои хариду фурўши пахта, ки раќобати ояндаро дар ин соња имкомпазир мегардонад, ба ин мусоидат менамояд. Сарфи назар аз ин пешрафињо, бе њал намудани ќарзњои њозираи хољагидорони пахтакорї, дастрасии ин хољагидорон ба маблаѓгузорї мањдуд мемонад. Бо назардошти душворињои зиёд шуда истода дар пардохти ќарз аз тарафи хољагидорони пахтакор, ки соли 2008 аз бонк маблаѓгузории буљетиро гирифтанд, бо сабаби поён фаромадани нархи байналмиллалии пахта, додани имконият ба хољагињо барои мустаќилона интихоб намудани зироатњо барои кишт ањамияти калон ва хеле муњим дорад.

Чорчубаи 1. Соњаи кишоварзї дар Тољикистон

Соњаи кишоварзї барои иќтисодиёти Тољикистон наќши муњимеро бозида 23 фоизи ММД-ро (Маљмўи мањсулоти дохилї) 66 фоизи шуѓли ањолиро ташкил медињад. Соњаи кишоварзї инчунин 20-30 фоизи содиротро (асосан пахта, вале инчунин мева ва сабзавотро) ва инчунин аз се як ќисми даромади давлатиро аз андозњо ташкил медињад. Тољикистон асосан кишвари кўњистони буда иќлими он хушку бебориш мебошад. Бинобар ин 900 000 гектар заминњои корами он дар водињои гирду атрофи дарёњои асосї љойгиранд, ва соњаи кишоварзї аз заминњои обёрї карда шуда вобастагї дорад, ки он 67 фоизи њаљми заминњои корамро ташкил медињад. Кишти пахта 29 фоизи майдони кишти асосиро дар заминњои обёрикарда шуда ташкил медињад (Таблица 1.1).

Ислоњотњо дар соњаи кишоварзї соли 1996 бо баргардонидани колхозњо, совхозњо ба хољагињои хусусї, ба ном хољагињои дењќонї, ва инчунин бо таќсимоти замин ба ќитъањои хурди наздињавлигї оѓоз гардид. Ба њар њол дар ин љараён ба хољагидорон њуќуќњои одилонаи кафолатнок дода нашуд, ки њавасмандии онњоро барои бењтар намудани њосилнокии замин паст намуд. То ваќтњои наздик назорат аз болои ин соња дар дасти роњбарият буд, барои таъмин намудани кишти пахта дар камаш 70 фоизи заминњои корами обёрї карда шуда, бо назардошти ањамияти ин соња дар иќтисодиёт, њосилнокии он, асъори хориљї ва даромади давлат аз андозњо. Ин чорањои нокифояи ислоњотї ба њосилнокии замин таъсири манфї расонданд, хусусан дар соњаи пахтакорї (љадвали 1.2.) Сарфи назар аз он, ки њосилнокии дигар зироатњо аз дараљаи даврањои советї зиёдтар буд, њосилнокии пахта аз њар як гектар замин дар соли 2006 таќрибан 60 фоиз аз њаљми давраи советиро ташкил медод. Агар харољоти тахминї барои барќарор намудани њосилнокии пахта 2,200 кг пахтаро ба як гектар замин ташкил дињад ва инчунин бо назардошти харољотњои зиёд, хољагидорони пахтакор дар давоми чанд сол зарар дида истодаанд.

Таблитсаи 1.1: Таќсимоти заминњои корам аз рўи намуди хољагињо ва зироатњои интихоб шуда, 2006

| | Њаљми умўмї, дар гектар, дар ќавс фоизи њаљми умумии замин нишон дода шудааст | Њиссаи хољагињои давлатї, дар фоиз 1/ | Њиссаи хољагињои хусусї (дењќонї), дар фоиз | Њиссаи заминњои наздињавлигї, дар фоиз 2/ |
|---|---|---|---|---|
| Њаљми умўмї | 900,160 (100) | 29 | 50 | 21 |
| Заминњои обёрї карда шуда | 599,808 (66.6) | 33 | 51 | 17 |
| Њиссаихта | 262,893 (29.2) | 42 | 58 | 0 |
| Гандуми кишти зимистона | 199,290 (22.1) | 21 | 47 | 32 |
| Гандуми кишти бањорона | 121,404 (13.5) | 22 | 50 | 28 |
| Картошка | 27,935 (3.1) | 6 | 28 | 66 |
| Сабзавот | 35,768 (4.0) | 13 | 23 | 65 |
| Хошок | 131,368 (14.6) | 41 | 51 | 8 |

*Манбаъ:* Кумитаи давлатии омор

1/ ба ин колхозњо, совхозњо ва дигар хољагињои давлатї дохил мебошанд.

2/ Ќитъањои замини хусусї, аз он љумла 75,000 гектар заминњое, ки бо фармони Президент соли 1997 таќсим шуда буд.

Дар давоми 5 соли охир фаъолияти зараррасони соњаи пахтакорї ба воситаи шабакаи мураккаби

маблағгузорӣ, бо ҷалби монополияҳои таъминот, коркард ва фуруши пахта (ба ном «сармоягузорон»), Кредит Инвест, ниҳоди ғайри-бонкии молиявӣ, ки дар асоси Агроинвестбонк, соли 2001-2003 таъсис дода шуда буд, ва мутахассисони молиявӣ (дар аввал тоҷирони пахта, ва баъдтар бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ), дастгирӣ карда мешуд. Дар охири соли 2007 ҳаҷми тахминии қарзи ҷамъшуда 400 миллион евроро ташкил медод.

Ҷадвали 1.2: Ҳосилнокии замин дар давраи 1991-2006, солҳои алоҳида ва зироатҳо дар ҳисоби кг ба гектар

| | 1991 | 1996 | 2001 | 2006 |
|---|---|---|---|---|
| Пахтаи хом | 2,760 | 1,390 | 1,790 | 1,700 |
| Гандум | 1,310 | 1,410 | 1,430 | 2,060 |
| Картошка | 14,100 | 10,200 | 12,550 | 19,850 |
| Сабзавот | 19,300 | 16,100 | 11,710 | 18,690 |
| Меваҳо | 3,210 | 1,950 | 2,490 | 3,310 |

*Манбаъ:* Кумитаи давлатии омор

Ҳамчун эътирофи масъалаи қарз ва бо дастгирии ҷомеаи байналмиллалии донорӣ, Президент моҳи марти соли 2007 фармонро имзо намуд («Фармони 111»), ки дар он ислоҳоти пурраи ин соҳа дар назар гирифта шудааст. Чораҳои дар ин фармон нишон дода шуда чунинанд: қатъ намудани мудохилаи давлат ба кишту кор, коркард ва фурӯши пахта; ислоҳоти нархгузории пахта, аз он ҷумла ҷорӣ намудани системаи универсалии навъбандии пахта; боз ҳам шаффофтар намудани нархгузорӣ барои хизматҳои банахҷудокунӣ; озод намудани содироти пахта бо роҳи барҳам додани вазифаи Биржаи умумии молҳои Тоҷикистон дар додани иҷозатнома барои фурӯши пахта; ислоҳоти андоз дар соҳаи пахтакорӣ барои кам намудани андозҳо дар ин соҳа ва кам намудани мудохилаи ҳокимияти маҳаллӣ ба соҳаи кишоварзӣ; ва ислоҳоти қонунгузорӣ барои таъмин намудани пурра гузаронидани ҳуқуқи заминдорӣ.

Барои маблаѓгузорї намудани ингуна лоиҳаҳо, бо назардошти маҳдудияти дастрасї дар Тољикистон, додани грантҳо бо маблаѓгузориҳои муштарак лозим мешавад. Илова бар он, ин гуна компонентҳои грант инчунин барои ба даст овардани шароитҳои имтиёзї барои ќарздиҳї ба сектори хусусї лозиманд ва инчунин барои таъмин намудани мувофиќатии маблаѓгузорї бо маҳдудиятҳо барои ќарзи нави давлатї ва пардохти солонаи ќарзи давлатї, чї тавре ки байни Ҳукумати Љумҳурии Тољикистон ва ХБА маслиҳат карда шудааст. Ба Бонк лозим меояд, ки ба љомеаи донорї барои ҳаммаблаѓгузорї намудани грантҳо муроҷиат намояд ва инчунин барои ҳамкории техникї барои истифода намудани сармоягузориии ќарзї якљоя бо грантҳо. Инчунин роҳҳои ба даст овардани субсидияҳои сармоягї, ҳамчун манбаи ҳаммаблаѓгузорї, аз хазинаи махсуси БАТР љуста мешаванд.

Иљрои лоиња оиди партовњои сахт дар шањри Душанбе лоињаи асосї барои нишон додани фоидаи ширкати таъин шудаи мунисипалии (шањрии) тиљоратї дар шањри Душанбе мегардад. Бо ин роњ ба Бонк имконият дода мешавад, ки ин намуди лоињаро дар дигар шањрњои љумњурї такрор намояд. Бонк якљоя бо ширкати мунисипалии наќлиёт барои барќарор намудани хатњои троллейбус, барои устувортар ва камхарљтар гардондани ин намуди наќлиёт кор мекунанд.

Барќарор намудани шабакаи гармидињии нољиявї дигар доираи асосии фаъолияти Бонк мегардад, чунки истифодаи ќувваи барќ барои гарм намудани хонањо дар зимистон сабаби асосии нарасидани ќувваи барќ мебошад. Кам кардани талафот дар ин шабака барои сарфа намудани газ ва ангишт мусоидат менамояд ва барои гармидињї ањолї нархномаи бењтарро таъмин менамояд.

***Ќувваи барќ ва энергетика***

Сарфи назар аз доштани иќтидори баланд дар соњаи гидроэнергетика, ки яке аз баландтарин дар љањон мебошад, Тољикистон такрор ба такрор ба камбудии ќувваи барќ дучор мегардад, ки ин ба иќтисодиёти љумњурї таъсири бад мерасонад. Илова ба кўњна шудани шабакаи истењсолї ва таќсимотї, ба љумњурї заминаи асосии гармї истењсолкунанда таќрибан дар њаљми 500 мегаватт лозим аст, ки метавонад ќудрати обанбори њозираи стансияи гидроэнергетикии Норакро сарфа намояд ва ба норасогии ќувваи барќ дар зимистон роњ надињад. Ин њолат бояд дар солњои наздик бењтар шавад, гарчанде ки нархномањо танњо дар соли 2010 ба сатњи баргардондани харољотњо мерасанд. Ба охир расондани сохтмони стансияи Сангтуда-1 аз тарафи Россия (моњи марти соли 2009 дар њачми 660 мегаватт пурра ба кор медарояд) ва дар оянда ба охир расондани сохтмони стансияи Сангтуда-2 аз тарафи Эрон (220 мегаватт) дар соли 2010, ба љумњурї имконият медињад, ки талаботи зиёдшуда истодаро ќонеъ гардонад ва илова бар ин дар давраи тобистон иќтидори иловагии содиротиро љамъ оварад.

Дар оянда ќувваи барќ метавонад масолењи асосии содиротии љумњурї гардад, хусусан агар лоињањо оиди сохтани ГЭС-њои калон ба монанди ГЭС-и Роѓун амалї гарданд. Ду хатњои интиќоли барќ, ки аз тарафи њукумати Хитой ва Бонки Осиёгии Рушд маблаѓгузорї шудаанд, шимолро бо љануб мепайванданд. Ин хатњои интиќолї барои хариду фурўши ќувваи барќ байни Тољикистон ва кишварњои њамсоя, ки инчунин ба норасогии барќ вобаста ба фасли сол дучор меоянд, кўмак мерасонанд.

Дар иљро намудани стратегияи бонк дар сектори энергетикаи Тољикистон диќќати асосї барои дастгирї намудани рушди стансияњои хурди гидроэнергетикї дода мешавад. Бонк Вазорати энергетика ва саноатро дар кор карда баровардани чорчўбаи нави танзимї, ки барои истифода намудани иќтидори гидроэнегетикии ба кор бурда нашудаи стансияњои хурд мусоидат намуда, бо ин роњ маблаѓгузории хусусиро ба ин соња љалб менамояд. Бо сабаби мањдудияти маблаѓгузории давлатї, бонк сохторњои њамкории давлатї-хусусиро ва њамкориро бо ширкатњои хусусии оид ба хизматрасонии коммуналї дастгирї менамояд. Диќќати махсус ба иљрои лоињањо дар сатњи минтаќавї дода мешавад. Бонк имкониятњои њамкорї намуданро бо ширкатњои Памирэнергетика, лоињаи Њамкории давлатї-хусусї, ки бо дастгирии ХБА ва

фонди Огохон дар Помир иљро мешавад, дарёфт менамояд. Лоињањои оид ба энергетикаи барќароршавандаро ба монанди ќувваи шамол ё офтоб, гарчанде ки њозир арзиши онњо хеле ќиммат аст ба назар гирифтан мумкин аст, агар ягон ширкати мањаллии пурќувват барои иќтидори њозираи зиёд шуда истода маблаѓи лозима пардохт намуда тавонад.

Бонк Вазорати энергетика ва саноатро дар кор карда баровардани чорчўбаи нави танзимї, ки барои истифода намудани иќтидори гидроэнегетикии ба кор бурда нашудаи стансияњои хурд мусоидат намуда, бо ин роњ маблаѓгузории хусусиро ба ин соња љалб менамояд.

Бонк якљоя бо ХБА ва дигар ниходњои молиявии байналмиллалї ба ширкати давлатии Барќи Тољик ва 28 филиали он дар коркард, таќсимот ва интиќоли барќ кўмак мерасонад, ки ин ширкат инчунин танзимгари воќеї буда, дар амалиётњои худ шаффофтар ва њисобдењ гардад, бо назардошти таљдид намудан ва фоиданок кардани амалиётњои он дар давраи миёнамуддат. Аудити пурраи ин ширкат, ки соли 2008 гузаронида мешавад, якумин ќадам барои дастрас намудани ин маќсад мебошад.

***Самаранокии истифодаи ќувваи барќ***

Бо назардошти касри (норасогии) такроршавандаи ќувваи барќ, норасогии захирањои мањаллї дар кишвар ва сарфи назар аз шумораи мутаносибан ками корхонањои саноатии калон, їктидори самаранок истифода бурдани ќувваи барќ дар Тољикистон ањамияти калон дорад. Бонк ба иљрои лоињањо дар 3 соња мусоидат менамояд: самаранокии истифодаи ќувваи барќ дар соњаи саноат, истењсоли ќувваи тоза маъданї ва гармидињї.

Афзалияти якум дастгирї намудани лоињањо оиди самаранок истифода намудани ќувваи барќ дар ширкатњои њаљмаш миёна ва хурди энергетикї мебошад. Нархи газ барои Тољикистон баъди стратегияи пешина 3 баробар зиёд гашт ва эњтимол меравад, ки дар ояндаи наздик нархњо боз њам баландтар мешаванд. Чорањоро оиди истифодаи самараноки ќувваи барќ бо тезї иљро карда, натиљаи онњоро дидан мумкин аст (одатан камтар аз 2 сол).

Манбаи дуюми иќтидори истифодаи самараноки ќувваи барќ ин кам кардани бароварди карбон мебошад, вобаста ба истењсолоти корхонањое, ки бо истифодаи ангишт кор мекунанд. Љумњури инкишоф додани ин манбаро ба наќша гирифтааст, барои њал намудани масалаи норасогии ќувваи барќ ва инчунин барои баланд бардоштани бехатарии энергетикї. Бонк якљоя бо сармоягузорон дар давраи аввали ин лоињањо барои кам кардани бароварди карбон ва љорї намудани техникаи бењтарин кор мекунад.

Манбаи сеюм барои самаранок истифода бурдани ќувваи барќ, ки бонк онро тањлил намудан мехоњад, ин бозори гармидињї мебошад (масалан таъминоти оби гарм ва системаи гармидињї), њам марказонидашуда ва њам алоњида. Љорї намудани системаи гармидињии офтобї метавонад фоидаи калон расонад чунки дар давоми сол дар Тољикистон таќрибан 250 рўзи офтобї аст. Бонк кўшиш менамояд, ки дар асоси тиљорати хусусї лоињањоро дар асосии лоињањои пилотї (таљрибавї) кор карда барояд.

Кор карда баровардани лоиҳаҳо оиди сарфа намудани карбон ба Бонк имконият медиҳад, ки ба рушди бозори карбон мусоидат намояд, ки он баъд аз қабул намудани протоколи Киото аз тарафи Ҷумҳурӣ, барпо карда мешавад.

***Захираҳои табиӣ***

Тоҷикистон захираҳои зиёди минералӣ дорад, ки ҳоло дар он ҷо бисёр амалиётҳои тиҷоратӣ амалӣ мегарданд. Тартиби гирифтани лисензия (иҷозатнома) ҳоло ҳам душвор мебошад ва ба сохтори танзимӣ ва стратегӣ, ки ин соҳа зери он амал мекунад, бисёртар равшанӣ андохтан дозим аст. Дар назар дошта шудааст, ки беҳбудиҳои ба навӣ бо қонун ҷорикардашуда оиди бастани шартномаҳо дар бораи ба ҳам дидани фоида бо Ҳукумат, ва инчунин дастгирии сиёсӣ барои маблағгузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан ба зиёд намудани рағбатҳои ширкатҳои хориҷӣ, аксаран аз Қазоқистон, Россия, Ҳиндустон ва Америкаи Шимолӣ мусоидат менамояд.

Кӯҳҳои Тоҷикистон аз тилло, нуқра ва мис бой мебошад ва лоиҳаҳо бо суръат дар ин соҳа тараққӣ ёфта истодааст. Соҳаи истихроҷи ангишт якҷоя бо коркарди қувваи барқи термалӣ босуръат тараққӣ ёфта истодааст. Ангишти баландсифат аз Тоҷикистони марказӣ метавонад бо осонӣ бо нархи баландтар барои коркард ба бозорҳои бештар тараққӣ кардашуда содирот карда шавад. Бонк имконияти маблағгузорӣ намудани ин гуна лоиҳаҳоро эҳтимолан бо НБМ-ҳои дигар дида мебарояд ва риоя намудани меъёрҳои иҷтимоӣ ва экологиро аз тарафи сармоягузорони стратегӣ таъмин менамояд.

Ҳадафи Бонк гузоштани меъёрҳои баланд барои: 1) амалӣ намудани тиҷорат; 2) шаффофият; 3) ҳифзи муҳити атроф мебошад. Танҳо сармоягузорони эътимоднок, ки таҷрибаи хуби идораи корпоративӣ доранд, ҳамчун партнёрони (шарикони) эҳтимолӣ ба назар гирифта мешаванд. Шаффофияти додани лисензияҳо (иҷозатномаҳо) ҳаматарафа санҷида мешаванд. Масъалаҳои муҳити атроф ва чорабиниҳо оиди кам кардани зарар дар доираи аввалин дида баромада мешаванд (бизнес-план, нақшаи маблағгузорӣ ва баҳодиҳӣ ба таъсири экологӣ).

### 3.2.4. Таъсири экологии стратегияи бонк

Диққати асосиро ба рушди микро-корхонаҳои хурд ва миёна ба воситаи ниҳодҳои молиявии маҳаллӣ дода, Бонк ба нақша гирифтааст, ки тақвият додани иқтидори ниҳодҳои молиявии маҳаллиро дар идора намудани хатарҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, бо роҳи ташкил намудани семинарҳои омӯзишӣ оиди масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурӣ барои ниҳодҳои молиявии партнёрӣ, зери маблағгузории Ташаббуси КДАГ дар оянда ҳам дастгирӣ менамояд. Ин тренингҳо ба ниҳодҳои молиявии партнёрӣ дар иҷрои дурусти қоидаҳои экологӣ, якҷоя бо гузаронидани равиши баҳодиҳии кредитӣ/маблағгузории ниҳодҳои молиявӣ маҳаллӣ, мусоидат менамоянд. Дар вақти гузаронидани тренинг саволҳои зерин дохил карда мешаванд: риоя намудани меъёрҳо ва талаботҳои миллӣ оид ба муҳити атроф, тандурустӣ ва бехатарӣ аз тарафи муштариёни НМ-ҳои партнёрӣ, талаботи ошкорбаёнӣ ва

машваратдињї, ќонун ва меъёрњои таъминоти кор, вобаста ба кор гирифтани кўдакон ва љавонон, њолатњои дискриминатсия (поймол кардани њуќуќ дар љои кор ва мењнати маљбурї). Ба ин тренинг инчунин муштариён аз соњаи саноат ва кишоварзї љалб карда мешаванд, ки бо онњо Бонк муносибатњои бевосита бо истифодаи ММБ ва МЌБ дорад.

Дастгирї намудани инфраструктураи асосии шањрї бо роњи кам кардани талафот дар стансияњои насосї, кам истифода бурдани таљњизот ва воситањои наќлиётии кўњнаи бесамар ва бардоштани меъёрњои экологї дар ширкатњои мунисипалї ба муњити атроф таъсири мусбї мерасонад.

Њар як намуди иштирок дар соњаи энергетика ё истихрољи маданњо бояд њаматарафа санљида шавад ва ба таъсири лоињањои пешнињодшуда аз љињати экологї ва иљтимої бањо дода шавад. Хусусан ин дар сектори гидроэнергетика ањамияти калон дорад, бо назардошти масъалањои истифода бурдани обњои рўи заминї дар љумњуриятњои Осиёи Марказї ва таъсири он барои тиљорати соњаи кишоварзї ва биёбонгардии заминњо. Эњтимол меравад, ки барои гирифтани кредитњо барои коркарди карбон имкониятњои зиёд пайдо мешавад. Ин имкониятњо, баъд аз он ки љумњурї протоколи Киото-ро ќабул менамояд, муайян карда мешаванд.

## *4. Нињодњои молиявии байналмиллалї ва донорњои бисёрљониба*

### 4.1. Хазинаи байналмиллалии асъор

Хазинаи байналмиллалии асъор (ХБА) аз соли 1996 рафти ислоњотњои иќтисодии Тољикистонро ва устувориро дар љумњурї дастгирї менамояд. Баъд аз соли 1998 Њукумати Тољикистон Барномањои ислоњоти иќтисодиро бо дастгирии Механизми оид ба рушд ва паст намудани сатњи камбизоатї (МРПК) иљро намуд. МРПК-и якум, ки маблаѓро дар њаљми умўмии 78,3 миллион франки швейтсарї пардохт намуд, моњи декабри соли 2001, бинобар дер иљро шудани ислоњоти сохторї, ќатъ гардид. Баъд аз он дар соли 2002 барномаи Барномаи мониторинги коргарон (БМК) бо муваффаќият иљро карда шуд. МРПК-и дуюми сесола, ки моњи декабри соли 2002 тасдиќ карда шуда буд (ба

маблаѓи 65 миллион франки швейтсарї) пурра пардохт карда шуд ва моњи феврали соли 2006 ба охир расид.

Аз моњи декабри соли 2004 Тољикистон ўњдадорињоро аз рўи моддаи VIII (ќисми 2,3 ва 4) шартномаи ХБА ба зиммаи худ гирифт ва чун натиља чунин танзими мубодилаи асъорро нигоњ медорад, ки оид ба пардохтњо ва интиќоли маблаѓњо барои доду гирифти њозираи байналмиллалї мањдудият надорад, ба ѓайр аз мањдудиятњо оиди мубодилаи асъор, ки бо сабаби бехатарї љорї карда шуда буд. Дар бораи ин мањдудиятњо Хазина, мувофиќи Ќарори Шўрои иљроия тањти раќами 144-(52/51) хабардор карда шуда буд. Шўрои иљроияи ХБА моњи январи соли 2006, мувофиќи Ташаббуси бисёрљониба оиди гузашт аз ќарз (ТБГЌ), гузашти њамаи ќарзњои Тољикистонро, ки пеш аз 1 январи соли 2005 карда шуда буд (ба маблаѓи 69 миллион франки швейтсарї), тасдиќ намуд. Баъд аз он ќарзи њозираи пардохт накардаи Тољикистон ба ХБА 29.40 миллион франки швейтсариро ташкил менамояд.

Бинобар нодуруст додани њисобот аз тарафи роњбарияти Љумњурии Тољикистон ба ХБА, ки ба наздикї ошкор шуда буд дар таърихи 5 марти соли 2008, Шўрои иљроияи ХБА ба ќарор омад, ки ин маблаѓи пардохтњои ба МРПК номувофиќ, бояд дар давоми сол (аз моњи сентябр то моњи декабри соли 2008 ба маблаѓи умумии 40 миллион доллари амрикої) пардохт карда шавад. Шўрои иљроия оиди шакл ва њаљми њисоботи нодуруст изњори афсўс намуд, ва љиддияти воќеияти онро, ки захирањои дар чорчубаи МРПК ба Тољикистон дода шуда, пас пардохт шуда наметавонад, таъкид намуд. Дар ваќти ќабул намудани чунин ќарор Шўрои иљроия шароити нињоят вазнини Тољикистонро, баръакси мавридњои љиддии нодуруст додани њисобот аз тарафи роњбарияти Тољикистон санљида баромад. Њамин тавр, Шўрои иљроия ба ќарор омад, ки муњлати муќаррарии пардохтро, ки барои додани њисоботи нодуруст 30 рўз ќабул шудааст, зиёд намояд. Кормандони ХБА дар моњи июни соли 2008 барномаи нави БМК–ро муњокима намуданд, бо маќсади ба роњбарияти Тољикистон додани имконияти бомуваффаќият иљро намудани сиёсати дурусти макроиќтисодї пеш аз оѓоз намудани гуфтушунид оиди МРПК-и нав. Ин барнома гузаронидани аудити махсусро дар Бонки марказии Тољикистон ва инчунин аудити Барќи Тољик ва ТАЛКО-ро пешбинї менамояд. Ин аудитњо бояд то охири квартали якуми соли 2009 ба охир расонида шавад ва барои бењтар намудани шаффофият ва идораи корпоративї дар ин ширкатњо заминаи муайян муњайё созанд ва дар бораи шароитњои молиявии љумњурї тасвири аниќтар дињанд.

### *4.2. Бонки умумиљањонї*

Тољикистон соли 1993 аъзои Бонки Байналмиллалии Таљдид ва Рушд (ББТР) ва Ассосиатсияи Рушди Байналмиллалї (АРБ) шуд. То имрўз кўмаки гурўњи Бонки Умумиљањонї аз чорањо оиди паст намудани сатњи камбизоатї, иљрои ислоњот дар соњаи кишоварзї, рушди сектори хусусї, ислоњотњо дар секторњои тандурустї, маориф ва иљтимої ва инчунин сохтори нињодї ва идора иборат буд. Бо маќсади кўмак расондан ба гурўњњои аз њама озордидаи ањолї дар дењотљойњо, диќќати асосї ба омода намудани роњњо барои гузаронидани моликияти соњаи кишоварзї аз давлат ба корхонањои хусусї, зиёд намудани

њавасмандї ва маблаѓгузорї намудани инфраструктураи дењот дода мешавад. Илова бар ин соњаи тандурустї, маориф ва иљтимої маблаѓгузорї карда шуд.

Моњи январи соли 2008 АРБ додани ќарзро барои 29 лоињањои ќарздињї ва, аз рўи грантњо маблаѓгузорї карда шударо, тасдиќ намуд (љамъ боз 4 кредити иловагї) барои ўњдадории умумї ба маблаѓи таќрибан 450 миллион доллари амрикої. Грантњо зиёда аз 96 миллион доллари амрикоиро аз ин маблаѓ ташкил менамоянд. Ќисми калонтарини портфел дар соњаи инфраструктура ва энергетика мебошад (таъминоти об ва энергетика, 44 фоиз), баъд аз он соњаи рушди дењот меояд (29 фоиз). Рушди инсон (маориф ва тандурустї) таќрибан 23 фоизи портфелро ташкил менамояд. Ислоњотњо дар сектори менељменти иќтисодї ва сектори љамъияти ќисми хурдтарини портфели умумиро, њар якеаш дар њаљми 4 фоизи портфели умўмї ташкил менамояд.

Портфели амалии Бонки Умўмиљањонї дар моњи январи соли 2008 аз 13 проект иборат мебошад, бо њаљми пурра дар маблаѓи 159 миллион доллари амрикої, ки аз он таќрибан 66 фоизи ўњдадории умумї пардохт нашуда мемонад.

### *4.3. Корпоратсияи байналмиллалии молиявї*

Аз бозе, ки соли 1994 љумњурї аъзои ХБА шуд, Корпоратсияи молиявии байналмиллалї (КМБ) ўњдадорињоро барои маблаѓгузорї ба маблаѓи зиёда аз 36 миллион доллари амрикої дар 12 лоињањо дар Тољикистон ба ўњда гирифт. Ин лоињањо секторњои гуногунро дар Тољикистон дар бар мегиранд: истихрољи маъдан, хизматрасонї, саноати нассољї, кишоварзї, технологияи иттилоотї, сектори молиявї ва инчунин корхонањои хурд ва миёна (КХМ). Ба воситаи Ширкати худ оид ба корхонањои хусусї (ШКХ) барои Аврупои Шарќї ва Осиёи Марказї ХБА ўњдадор шуд, ки зиёда аз 10 миллион доллари амрикоиро ба 8 барномањои хизматрасони-машваратї гузаронад.

Шўрои директорони иљрокунандаи Бонки умумиљањонї 27 июли соли 2005 Стратегияи њозираи њамкории љумњуриро, ки давраи чорсолаи солњои молиявии 2006-2008-ро дар бар мегирад, тасдиќ намуд. Маќсади ин стратегия ба даст овардани натиљањои муайян дар кўмак расонидан ба Њукумат мебошад, барои паст намудани сатњи камбизоатї бо роњи дастгирї намудани рушд ва бењтар намудани имкониятњои иќтисодї ва омода сохтани сармояи мустањками инсонї. Хусусан диќќати он дода мешавад ба:

- ***Такмил намудани имкониятњои тиљоратї дар минтаќањои шањрї ва дењот*** бо роњи мустањкам намудани сектори молиявї, кам кардани харољотњо барои машѓул шудан бо тиљорат, дастгирї намудани чорањо барои бењтар намудани дастрасї ба заминњои корам ва паст намудани сатњи иљорагирї дар сектори пахтакорї;
- ***Такмил намудан ва нигоњ доштани сифати сармояи инсонї.*** Бонки умумиљањонї барои бењтар намудани танзими љобаљокунии захирањо ба соњањои маориф ва тандурустї, муњайё намудани шароитњо барои бењтар намудани љараёни омўзиш ва давомоти талабагон дар мактаби ибтидої, зиёд намудани истифодаи хизматрасонии тиббї, ва бењтар намудани таъминоти оби нўшокї дар баъзе минтаќањо кўмак мерасонад;
- ***Истифода бурдан аз иќтидори гидроэнергетикии љумњурї***. Бонки умумљањонї ба наќша гирифтааст, ки корњоро оиди баланд бардоштани

самаранокии сектори энергетикии љумњурї, ба воситаи талофияти бењтари харољотњо ва инчунин ба воситаи кўмак расонидан ба Њукумат дар љалб намудани сармоягузорињои хориљї дар сектори гидроэнергетика, дастгирї менамояд.

Барои дастгирї намудани њадафњои стратегии дар боло зикршуда Бонк якљоя бо Њукумат барои бењтар намудани иќтидор ва самаранокии он ва паст намудани сатњи коррупсия кор мебарад ва барои чорањо оиди баланд бардоштани шаффофияти истифодаи захирањо, кам кардани назорати зиёдатї ва њавасманд намудани иштироки истифодабарон дар таъминоти хизматрасонї диќќати махсус медињад.

Њаљми маблаѓгузорї барои 4 сол таќрибан 149 миллион доллари амрикоиро ташкил медињад. Маблаѓгузории лоињањо, ки дар соли молиявии 2006 тасдиќ шуда буд, дар асоси грантњои 100 фоиза људо карда шуд.
Мўњлати стратегияи њозира оиди њамкории љумњурї 30 июни соли 2009 ба охир мерасад (ваќте ки соли молиявии Бонки умумиљањонї мањкам карда мешавад).

### *4.4. Бонки Осиё оид ба Рушд*

Тољикистон дар моњи апрели соли 2008 аъзои Бонки Рушд Осиё (БОР) гашт. Дар давраи солњои 1998-2007 Барномаи БОР барои Тољикистон аз додани 22 ќарз дар соњаи наќлиёт, энергетика, маориф, тандурустї, кишоварзї ва молия иборат буд, ки њаљми умумии он ба 350 миллион доллари амрикої баробар буд. Илова бар он таќрибан 33 миллион доллари амрикої њамчун грант барои њамкории техникї ба 43 лоињањо оиди кўмаки техникї дода шуд ва таќрибан 39,5 миллион доллари амрикої њамчун лоињањои грантї бо маблаѓгузории Хазинаи Љопон барои кам кардани сатњи камбизоатї дода шуд. БОР диќќати асосиро ба се соња медињад: 1) соњаи кишоварзї, 2) инфрастуктура (хусусан сектори наќлиёт ва энергетика), ва 3) сектори иљтимої. Тољикистон барои ќабули захирањои консессионалї (имтиёзї) пурра омодааст (масалан Хазинаи Осиё оид ба Рушд (ХОР)).

Дар соњаи кишоварзї 2 лоиња амалї шуда истодааст, аз он љумла ќарзи лоињавї оиди барќарор намудани соњаи кишоварзї (35 миллион доллар дар соли 2002) ва ќарзи лоињавї оид ба барќарор намудани системаи обёридињанда (22,7 миллион доллар дар соли 2004).

Дар соњаи наќлиёт БОР 2 лоињаро тасдиќ намуд: лоиња оиди барќарор намудани роњњо (20 миллион дар соли 2000), ки маќсади он барќарор намудани роњи Душанбе – Ќурѓонтеппа – Кўлоб мебошад ва лоиња оиди барќарор намудани роњи Душанбе – сарњади Љумњурии Ќирѓизистон (марњилаи якум, 15 миллион доллар дар соли 2003), ки барои бењтар намудани алоќаи наќлиётї байни шимол ва шарќ ба воситаи Љумњурии Ќирѓизистон мусоидат менамояд. Фазаи дуюми лоиња оиди барќарор намудани роњи Душанбе – сарњади Љумњурии Ќирѓизистон моњи ноябри соли 2007 дар ваќти вохўрии CAREC дар шањри Душанбе имзо карда шуд. Бо ин барќарор намудани долони наќлиётии минтаќавї ба тарафи Љумњурии Ќирѓизистон ба охир расонида шуд. Тасдиќ намудани лоињаи аз нав барќарор намудани роњ аз шањри Душанбе ба

Турсунзода, ва он тарафаш то ба сарњади Узбекистон дар ѓарби љумњурї, ки таќрибан 70 км-ро ташкил медињад, дар соли 2009 ба наќша гирифта шудааст. Дар соњаи ќувваи барќ БОР 2 лоињаро тасдиќ намуд; лоиња оиди барќарор намудани истењсоли ќувваи барќ (34 миллион доллар дар соли 2004) ва додани ќарз барои лоиња оиди модернизатсия намудани хатњои минтаќавии интиќоли барќ (20 миллион доллар дар соли 2002). Дар соли 2008 БОР тасдиќ намудани лоињаро оиди аз нав барќарор намудани 2 стансияи трансформатории ГЭС-и Норак бо иќтидори 220 кВатт ва 500 кВатт якљоя бо KfW ба наќша гирифтааст (нархи умумии лоиња таќрибан 80 миллион доллари амрикої мебошад).

Барномањои ќарздињї ва грантдињї барои соли 2007-2010 се барнома ва шаш лоињањоро ба њаљми умумии 277,5 миллион доллари амрикої дар бар мегирад. Се лоињаи минтаќавї таљрибавї буда барои тасдиќ шудан аз тарафи органи минтаќавии ХОР (Хазинаи Осиё оид ба Рушд) нигаронанд. Барномањои беќарздињї барои солњои 2008-2009 њашт лоињаи ТА-ро ба маблаѓи умумии 4, 7 миллион доллари амрикої дар бар мегирад. Портфели њозираи БРО аз 12 ќарзњои (займњо) айни замон амалї шуда истода ба маблаѓи умумии таќрибан 220 миллион доллари амрикої иборат мебошад; њамаи ќарзњо, ки њоло иљро шуда истодаанд њамчун ќаноатбахш бањо дода шудаанд.

Стратегияи навбатї оид ба њамкории љумњурї (СЊЉ) дар Тољикистон, ки якљоя бо стратегияи ягонаи љумњурї бо дигар партнёрон кор карда шуда истодааст, бояд дар соли 2009 амалї гардад. Дар назар дошта шудааст, ки СЊЉ дар чорчўбаи натиљавї идора карда мешавад. Ин натиљањо аз кўмаки машваратии БОР оид ба мустањкам намудани идораи натиљањо барои паст кардани сатњи камбизоатї ба даст оварда шуда дар стратегияњои миллии Тољикистон оиди рушди устувор, мустањкам карда шудаанд. Ин натиљањо ба маърўзаи љумњурї оид ба рушд дохил карда мешаванд ва диќќати асосї ба (i) аввалиятњо дар соњаи наќлиёт, мусоидат ба савдо ва энергетика дар барномаи Њамкории Иќтисодии Минтаќавї дар Осиёи Миёна (CAREC); (ii) рушди соњаи кишоварзї бо дастгирї намудани ислоњоти соњаи кишоварзї, асосан вобаста ба рушди сектори пахта ва стратегияи гуногуншаклии зироатњо; ва (iii) маблаѓгузорї ба сектори иљтимої, бо назардошти гузариш аз мудохила дар асоси лоињањо ба усулњои барномавї ва секторї, дода мешавад.

Аксарияти кўмаки БРО ба Тољикистон, њам ќарзї ва њам ѓайриќарзї, ба воситаи буљети љумњуриявї гузаронида мешавад, ва ба аввалиятњои љумњурї оид ба рушд дохил карда шудааст, чи тавре ки дар стратегияњои миллї оид ба рушд нишон дода шудааст. Дар њоле ки низомњои љумњурї оид ба менељменти молиявї ва таъминот бояд барои ба таври васеъ ќабул шудан, бењтар карда шаванд, БОР истифодаи Ќонуни миллиро дар ваќти гузаронидани гуфтушуниди миллї оиди хариду таъминот дастгирї менамояд.

### *4.5. Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттањид*

Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттањид (БРСММ) дар Тољикистон аз соли 1994 амалї шуда истодааст. Имрўз Тољикистон љумњурии осоишта ва устувор, бо иќтисодиёти тез тараќќї ёфта истода мебошад, вале њамзамон ин љумњурї ба мушликоти давраи гузариш, њолати баъд аз низої, ва ба таври «муќаррарї» кам кардани сатњи камбизоатї, дучор меояд. Барномањои БРСММ,

ки дар љумњурї амалї шуда истодаанд дар 5 соњаи асосї доираи васеи фаъолиятро дар бар мегиранд: паст кардани сатњи камбизоатї, идораи демократї, пешгирии бўњрон, соњаи энергетика ва муњити атроф ва инчунин ВИЧ/СПИД.

Њар сол Њукумати Љумњурии Тољикистон ва Барномаи БРСММ Наќшаи кории солонаро имзо менамоянд, бо муайян намудани чорањои дар давоми сол ба наќша гирифта шуда. Фаъолияти Барномаи РСММ чор доираи асосиро дар бар мегирад: бењтар намудани шароитњои зиндагї, аз нав таќсим намудани ўњдадорињо, гузаштан аз кўњњо ва баръакс гардондани таназзул.

Аксарияти лоињањои Барномаи БРСММ дар Тољикистон ба таљрибаи глобалии Барномаи РСММ ва UNDAF тааллуќ дорад.

Раванди њозираи Барномаи БРСММ дар дохили љумњурї диќќати асосиро ба њалли баъзе аввалиятњої Стратегияи миллї оид ба рушд медињад. Барномаи БРСММ оид ба љумњурї бевосита барои мувофиќ будан ба њадафњо, ки дар чорчўбаи рушди созмони миллали муттањид (ЧРСММ) ва Барномаи кории чорабинињои љумњурї муайян карда шудаанд, мусоидат менамояд. Диќќати асосии он ба 5 масъалањои бо њам вобаста буда дода мешавад: 1) Бењтар намудани шароити зиндагї –њосилнокии баланд дар соњаи кишоварзї, бехатарии моводи хўроквої ва имкониятњои иќтисодї хусусан барои занњо ва гурўњњои озордида; 2) Аз нав таќсим намудани масъулиятњо – љавобгарии барзиёд ва њисоботдињии сохторњои ќарор ќабулкунанда, аз он љумла сохтори судї; 3) Баръакс гардондани таназзул – имконияти бењтар барои пешгирї намудан ва кам кардани беморињои гузаранда, хусусан ВИЧ/СПИД, малярия ва касалии сил, ва инчунин мустањкам намудани иќтидор барои чорабинињо оиди аз мина тозакунии заминњо ва 4) Гузаштан аз кўњњо – ба таври устувор идора намудани захирањои табиї, кам шудани шумораи одамон, ки дар натиљаи офатњои таббиї кушта мешаванд ё зарар мебинанд. Диќќати асосї ба дастгирии Њукумат дар кўшишњои он барои дастрас намудани Њадафњои Рушди Њазорсола (ЊРЊ) равона карда мешавад, бо роњи мусоидат намудан ба ислоњоти иќтисодї ва демократї, бењтар намудани муњити атроф ва мусоидат намудан ба љамъияти шањрвандї дар љараёни рушд дар сатњи мањаллї ва миллї.

### *4.6. Бонки Исломї оид ба Рушд*

Тољикистон моњи ноябри соли 2006 аъзои Бонки Исломии Рушд (БИР) гашт, бо имзои сармоявї ба маблаѓи 2.5 миллион динори исломї (3 миллион доллар). Якумин амалиётњои БИР дар Тољикистон 29 октябри соли 1991 (амалиёти СА) пеш аз расман аъзо шудани он оѓоз шуда буд ва лоињањои охирон 18 феврали соли 2008 тасдиќ карда шуд – Лоињаи обёрї намудани водии Данѓара, марњилаи 2 бо маблаѓгузории БОР дар њаљми 13,17 миллион доллари амрикої. То моњи июни соли 2008 умуман 32 амалиётњои БОР дар Тољикистон иљро шудаанд, ки њаљми умумии он ба маблаѓи 142,52 миллион доллар мерасад. Аз ин амалиётњо 17-тоаш ќарз мебошад (зайём) (њамаи инњо маблаѓгузории консессионї мебошад), 10-то грант оиди кўмаки техникї, 4 лоињаи оид ба кўмаки махсус (грант) ва як амалиёти маблаѓгузории савдо мебошад. Аз 32 лоињањои умумї 15-тоаш иљро шудаанд ва 17-тои дигараш иљро шуда истодаанд. Таќсимоти

сектории маблағузории БИР аз рўї секторњо дар љадвали зерин нишон дода шудааст:

ТАЌСИМОТ АЗ РЎИ СЕКТОЊО

| СЕКТОР | № | МАБЛАЃ (US$) |
|---|---|---|
| Соњаи кишоварзї, моњипарварї, љангалдорї | 3 | 22.05 |
| NDFI ва дигарон | 5 | 2.14 |
| Наќлиёт ва коммуникатсияњо | 5 | 35.12 |
| Хизматрасонии иљтимої | 7 | 37.32 |
| Хизматњои коммуналї | 7 | 45.89 |
| Умумї | 27 | 142.52 |

Лоињањои калонтарини бо маблаѓгузории БИР иљро шуда инњоянд: 1) Маркази љумњуриявии илмии љарроњии дил, рагњои хунгард ва ќафаси сина, 2) таљдид ва сохтмони мактабњои миёна, 3) сохтани шоњроњи Мурѓоб-Кулма, 4) лоиња оиди обёрї намудани водии Данѓара, марњилаи якум. Айни замон лоињањои калони зерин иљро шуда истодаанд: 1) лоиња оиди обёрї намудани водии Данѓара, марњилаи 2 (якљоя бо маблаѓгузорї аз тарафи Хазинаи Кувайт барои рушди иќтисодї, 2) сохтан ва таљњизонидани беморхонаи умумии Данѓара, 3) таљдиди мактабњои миёна, марњилаи ду.

БИР фаъолона бо дигар донорњо, созмонњои гуногун дар минтаќа њамкорї дорад. Байни лоињањои, ки якљоя бо БИР дар Тољикистон маблаѓгузорї шудаанд инњоянд: роњи Шоѓун-Зиѓар (марњилаи 1 ва 2) якљоя бо Гурўњи кординатсионии Арабистон, системаи обтаъминкунии шањри Душанбе якљоя бо Бонки умумљањонї ва барќарор намудани сектори энергетика якљоя бо БОР.

### *4.7. Ташкилоти Оѓохон оид ба рушд*

Ташкилоти Оѓохон оид ба рушд (ТОХР) ин гурўњи агентињои хусусї, байналмиллалї ва ѓайридинї мебошад, ки барои бењтар намудани шароити зиндагї ва имкониятњои одамон дар минтаќањои камбизоаттарини љањони тараќќиёфта кор мебаранд. ТОХР якчанд агентињо, ниходњо ва барномањоро якљоя дарбар мегирад, ки дар 40 соли охирон барпо шудаанд. Њар яке аз Созмонњои ТОХР ваколатњои алоњида доранд, ки соњањои гуногунро дар бар мегиранд, аз соњаи тандурустї ва маориф оѓоз карда то ба соњаи меъморї, рушди дењот ва мусоидат намудан ба соњибкории сектори хусусї. Онњо якљоя дар дастрас намудани њадафи умумї барои барпо намудани ниходњо ва барномањо њамкорї менамоянд, ки ба таври њамешагї ба проблемањои иљтимої, иќтисодї ва маъданї љавобгў буда тавонанд.

ТОХР фаъолияти худро дар Тољикистон бо даъвати њукумати Тољикистон оѓоз намуд ва моњи майи соли 2005 бо Њукумат Созишномаи њамкориро имзо намуд. Дар аввал диќќати асосии ТОХР ба сафарбар ва таъмин намудани кўмаки хайрия равона карда шуда буд. Баъд аз он ки Тољикистон аз давраи кўмаки башардўстона ба давраи рушд гузашт ТОХР якчанд барномањои нававарии иљтимоиро дар соњаи тандурустї, маориф, рушди дењот ва микрокредитњо оѓоз намуд. Барои кўмак расондан дар омода сохтани љойњои корї ва тараќќї додани муњити устувори иќтисодї ТОХР лоињањоро дар 4 соња оѓоз намуд, ки онњо аз тарафи њукумати Тољикистон њамчун моњияти стратегї

дошта муайян карда шудаанд: сектори бонкї, телекоммуникатсия, энергетика ва сайёњї. То имрўза бо дастгирии бисёр њукуматњо ва агентињои байналмиллалии донорї, ТОХР зиёда аз 300 миллион долларро барои иљрои лоињањо ва барномањо дар Тољикистон сафарбар намудааст.

### *4.8. Иттињоди Аврупо*

Баъд аз тасвиб намудан, Шартномаи Њамкорї ва Партнёрї (ШЊП), ки 11 октябри соли 2004 имзо шуда буд, барои муносибатњои ду тарафаи Иттињоди Аврупо ва Тољикистон чорчўбаи ќонунї таъмин менамояд. Созишномаи васатї оид ба савдо ва масъалањои бо савдо вобаста буда (моњи октябри соли 2004 имзо шуда буд), ки дар ояндаи наздик аз тарафи 25 кишвар-аъзоњо ва Тољикистон тасвиб карда мешавад, барои иљрои ќоидањои ин созишнома оиди савдо заминаи  лозима таъмин менамояд. Созишномањри Созишномаи васатї инчунин баъзе шартњои созишномаи њамкорї ва савдоро, ки соли 1989 аз тарафи Иттифоќи Шуравї имзо карда баъдтар аз тарафи Тољикистон ќабул шуда буд, ба њангом медарорад.

Тољикистон дар айни замон бањрабардори аз њама муњимтарин аз кўмаки
ИА оид ба њар як сари ањолї дар Осиёи Марказї мебошад. Дар давраи аз соли 1992 то соли 2006 ба Тољикистон аз буљети Љомеа Аврупо зиёда аз 500 миллион евро дода шудааст, бисёрии он дар шакли маблаѓгузорї њамчун  грант. Ин кўмак ба воситаи Барномаи ТАСИС расонда мешуд. Ёрии пешинаи ТАСИС, ки њоло њам иљро шуда истодааст бо роњи усули сељониба расонда мешавад, ки иборат мебошад аз: i) барномањои минтаќавї оиди њамкорї, ки барои мусоидат намудан  ба муносибатњои хубї њамсоягї ва корњои њамоњанг байни кишварњои Осиёи Марказї кор карда шудаанд дар соњањое, ки дар он љо ИА раѓбати стратегї дорад. Ин шабакањои наќлиётї ва энергетикї, истифодаи устувори захирањои табиї ва иљро намудани Эъломиянњои байналмиллалї оиди экология, сохтори судї ва корњои дохила ва инчунин идораи сарњадотро дар бар мегирад; ii) барномањои минтаќавї оиди дастгирї, ки дар сатњи миллї барои њал намудани мушкилотњои асосї барои рушди устувори иќтисодї кор карда шудаанд. Диќќати асосии он барои иљрои созишномањо оиди њамкорї ва њамкории техникї, ислоњоти иќтисодї-иљтимої, иљрои стратегия оид ба паст намудани сатњи камбизоатї ва инчунин барои иљрои ислоњот дар сектори маориф равона карда шудааст; iii) корњо оиди паст намудани сатњи камбизоатї, ки дар шакли таљрибавї дар 2-3 нохияњои њадафї гузаронида шудаанд, бо додани диќќати асосї ба паст кардани сатњи камбизоатї, рушди љамоатњо ва дењот ва ба гурўњњои озордида равона карда шуда. Барномањо оиди паст кардани сатњи камбизоатї дар вилояти Хатлон (љануби Тољикистон) ва дар водии Фарѓона дар шимоли љумњурї иљро шуда истодаанд.

Ба Тољикистон инчунин кўмаки микромолиявї дар шакли ќарз ба маблаѓи 60 миллион евро расонда шуд (моњи марти соли 2001 пардохт карда шуд) ва инчунин гранти умумї дар њаљми 35 миллион евро, ки дар траншњои солонаи пайињам дода шуд.

Моњи июни соли 2007 ИА стратегияи ИА-ро барои Осиёи Марказї тасдиќ намуд. Барномаи нишондињандаи миллї барои Тољикистон додани маблаѓи 66 миллион евроро дар давраи солњои 2007-2010 њамчун кўмаки дуљониба

пешбинӣ намудааст. Ин кӯмак асосан ба воситаи Асноди Ҳамкории Рушд (АҲР) расонда мешавад. Ин ба кӯмаки дутарафаи кишварҳо–аъзоёни ИА илова карда мешавад. Айни замон ИА ба куллӣ ва хусусан Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон  дар соҳаи иҷтимоӣ (хифзи иҷтимоӣ, маориф ва тандурустӣ) ва инчунин дар рушди сектори хусусӣ амал намуда диққати асосиро ба паст намудани сатҳи кабизоатӣ равона менамоянд. Тоҷикистон  инчунин аз Барномаҳои минтақавии марказӣ баҳравар мебошад, ба монанди Барномаи ИНВЕСТ-и Осиёи Марказӣ, Барномаҳо оиди муҳоҷират ва муҳити атроф (экология). Масалаи идораи сарҳадот ҳоло ҳам яке аз масъалаи хеле муҳим мебошад ва бо дастгирии Барномаҳои минтақавии BOMCA ва CADAP амалӣ шуда истодааст.

Ҳамкории ИА – БАТР дастгирӣ ба барномаҳои ХТМ/ТАМ, ба микромаблағгузорӣ ва сектори нақлиётро (авиатсия) дар бар мегирад. Барномаҳои корӣ барои солҳои 2009-2010 ҳоло пурра таҳия нашудаанд, вале дар назар дошта шудааст, ки диққати асосӣ ба секторҳои иҷтимоӣ ва рушди сектори хусусӣ равона карда мешавад.

## ЗАМИМАИ 1. БАҲОДИҲИИ СИЁСӢ

Тоҷикистон дар иҷрои принсипҳои Моддаи 1 Созишнома оиди таъсис додани Бонк пешравӣ нишон дода истодааст. Пешравии Ҷумҳурӣ дар равона намудани иқтисодиёти худ ба бозор мунтазам мебошад ва ба он бисёр масъалаҳои дохила ва беруна таъсир менамояд, аз он ҷумла заифии муҳити макроиқтисодӣ.

Гузариш ба демократияи бисёрҳизба ва плюрализм оҳиста мегузарад ва интихоботи охирони соли 2006 натавонист ба меъёрҳои байналмиллалии интихоботи озод ва одилона мувофиқат намояд. Бар ҳар ҳол дар вақти гузаронидани интихоботи охирон назар ба интихоботи Президентии соли 1999 баъзе беҳбудиҳо мушоҳида карда мешавад.

Дар Тоҷикистон бисёр ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд аз он ҷумла ҳизби мухолифин ва шабакаи созмонҳои ғайриҳукуматӣ. Ба ҳар ҳол яке аз масалаҳои ҳалталаб ин рушди плюрализм дар асл сиёсӣ мебошад бо ҳизби Президентии роҳбарикунанда, ки ҳоло ҳам дар саҳнаи сиёсии кишвар бартарӣ дорад.

Баъд аз имзо кардани Созишномаи сулњљўёна, дар санаи 1 июли соли 1997, зиёда аз дањ сол гузашт. Ин Созишнома ба солњои љангњои граждании харобкунанда хотима дод. Вазъият дар љумњурї устувор шуд ва ба љои вазифањои бетаъхир оид ба барќарорнамої баъд аз давраи низоъњо, масалаи таъмин намудани рушди иќтисодї ва иљтимоии кишвар, ки яке аз кишварњои камбизоаттарин дар минтаќаи Шуравии пештара мебошад, ба миён омад. Камбизоатї ва бекорї, илова ба идораи суст, системаи бесамари судї ва гузаронидани њаљми калони нашъа аз кишвари њамсояи Афѓонистон ба воситаи Тољикистон, њамчун кишвари транзитї, ба ришвахурии пањн шуда истода мусоидат менамояд. Бинобар ин масъалањои идораи давлатї ва паст кардани сатњи камбизоатї њамчун аввалиятњои љумњурї њисобида мешаванд.

Ин мушкилотњое, ки кишвар ба онњо одатан дучор меомад, акнун бо сабаби оќибатњои давомдори иљтимої ва иќтисодии зимистони ѓайримуќаррарї хунуки соли гузашта, боз њам вазнинтар мегарданд, бинобар норасогии оби нўшокї ва ќувваи барќ ва инчунин баланд шудани маводи нархи хўрока ва сўзишворї.

***Муњити сиёсї***

Сарќонун танзими аз њам људо намудани соњањои ќонунгузорї, иљроия ва судиро муайян менамояд, вале дар амал танзими тафтишот ва мувозинат он ќадар самаранок намебошад ва иљроияи љиддї њам аз ќонунгузорї ва њам судї бартарї дорад. Соли 1999 барои љорї намудани мандати 7 сола барои Президент ва сохтори ду палатагии парламент (Маљлиси Олї, ки аз ассамблеяи миллї ё палатаи болої (Маљлиси миллї) ва ассамблеяи намояндагон ва ё палатаи поёнї (Маљлиси намояндагон) иборат мебошад)
ба Сарќонун баъзе таѓийротњо дароварда шуда буданд. Дар Маљлиси намояндагон 63 аъзо бевосита ба мўњлати 5 сол интихоб карда мешаванд, дар њоле ки ба палатаи болої аъзоён ѓайримустаќим интихоб карда мешаванд.

Интихоботи охирони Президентї 6 ноябри соли 2006 гузаронда шуд ва Президент Эмомалї Рањмон боз барои 7 соли дигар дар сари рињбарият монд. Сарќонун ба Президент иљозат медињад, ки дар давраи њозираи дар сари ќудрат буданаш, соли 2013, боз дар интихоботи дигар раќобат намояд. Рафти интихоботи президентї аз тарафи офиси ОБСЕ барои ниходњои демократї ва њуќуќи инсон (OSCE/ODIHR) зери назорат гирифта шуд. Намояндагони ин офис ба хулоса омаданд, ки дар ваќти интихобот демократия ба таври пурра дар кишвар амалї карда нашуд, чунки интихоби њаќќонї ва плюрализми маънидор вуљуд надошт. Мушоњидон дар рафти интихобот бисёр камбудињоро ошкор намуданд. Сарфи назар аз вуљуд будани 5 номзад ба вазифаи Президентї, интихоботи президентї њамчун яќинан вуљуд набудани раќобат тафсиф карда шуд. Ба њар њол дар ваќти ин интихобот назар ба интихоботњои пешина каме бењбудињо ба назар мерасид.

Интихобот ба палатаи поёнии парламент соли 2005 гузаронида шуд ва ин интихоботи якуми парлумони дар солњои баъди љанги шањрвандї буд. Ба монанди интихоботи охирони президентї, интихоботи парлумонї њам ба бисёр меъёрњои асосии интихоботи демократї мувофиќат накард лекин ба њар њол назар ба интихоботњои пешина каме бењбудињо дида мешуд. Њизби Халќї Демократии Президентї (ЊХДП) дар парлумони нав аксарияти кулли худро

нисбати ду њизби сиёсии дигар – Њизби коммунистї ва Њизби Нањзати Ислом – нигоњ дошт, ва бо ин сатњи 5-фоизаро, ки барои гирифтани љой дар парлумон лозим аст, гузашт.

Интихоботи парлумонї ва президентї љараёни боз њам мустањкам намудани иќтидорро дар доираи президентї, ки дар давоми якчанд соли охирон љой дорад, инъикос менамояд. Президент сарфи назар аз зиёдшавии норозигии иљтимої барои баланд шудани нархњои маводи хўрока ва сўзишворї, шароити номусоиди зимистони хунук ва вобаста ба ин, норасогии ќувваи барќ, њоло њам вазъиятро зери назорати худ дорад. Тарафдорони Президент њоло њам вазифањои асосиро дар њокимияти мањаллї ва давлатї ишѓол менамоянд ва бо муваффаќият муќарризони сиёсии худро људо менамоянд.

Муњити иттилоотї, ки зери назорати сахт мебошад, ба љараёни мањдудкунии мухолифин мусоидат менамояд. Муњити иттилоотї дар Тољикистон њоло њам зери назорати давлат мебошад ва озодии воситањои ахбор сахт мањдуд шуда мебошанд. Дар њисоботи худ дар соли 2008 оиди озодии матбуот «Фридом хаус»(Freedom House) матбуоти тољикро њамчун «озод не» бањо дод. Инчунин ба нашриятњои иттилоотии хусусї ва журналистон њам фишор оварда мешавад.

***Меъёрњои њуќуќї ва њуќуќи инсон***

Тољикистон якчанд Эъломиявњои байналмиллалиро оиди њуќуќи инсон ва Протоколро ба Эъломияи байналмиллалї оид ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї тасвиб намудааст. Ба њар њол мувофиќи баъзе мушоњидони махсуси байналмиллалї њолати умумии меъёрњои њуќуќї ва њуќуќи инсон хеле њам хароб мебошад.
Тартиби (системаи) судї мустаќилона амал наменамояд ва ришвахурї ба амалї намудани ислоњоти иљтимої ва демократї халал мерасонад. Сарфи назар аз бењбудињо дар чорчўбаи ќонунгузорї, амалї гардонидани ќонунњои ќабулшуда суст мегузарад. Ислоњоти судї бояд дар навбати аввал амалї гардад, чунки танњо тартиби дурусти меъёрњои њуќуќї метавонад ба рушди устувори иќтисодї мусоидат намоянд ва инчунин ба паст намудани сатњи камбизоатї ва њифз намудани њуќуќњои шањрвандї ва сиёсии шањрвандон.

Бо назардошти бењтар намудани стратегияи ИА оиди Осиёи Марказї, Идораи назорат оиди њуќуќи инсон диќќати асосии худро ба се соњаи ташвишовар њамчун чорабинињои худ дар Тољикистон вобаста ба њуќуќи инсон равона намуд: 1) гузаронидани нишастњои судї аз он љумла тафтишоти њамагуна намуди арзу шикоятњо дар бораи азобу шиканља; 2) љабру фишор нисбати гурўњњои љамъияти шањрвандї ва рўзноманигорони мустаќил; 3) сари барваќтї љалб намудани гурўњњои љомеаи шањрвандї ва созмонњои ѓайрињукуматї барои кор карда баровардани лоињаи ќонунгузории нав.

Њисоботи охирони департаменти давлатии ИМА оид ба риоя намудани њуќуќи инсон, ки давраи соли 2007-ро дар бар мегирад, якчанд проблемањоро муайян намуд, ба монанди озодии мањдуди суханронї, матбуот ва нашрия; озодии мањдуд барои ташкил намудани ассосиатсияњо; озодии мањдуди дину мањзаб аз он љумла озодии иззату эњтиром; њолатњои ба њабс гирифтани мухолифини

сиёсї, аз он љумла рўзноманигорон ва фишороварї ба созмонњои ѓайрињукуматї.

Аз љињати хариду фурўши одамон Тољикистон дар њисоботи Департаменти давлатии ИМА, аз моњи июни соли 2007, њамчун кишвари дараљаи 2 муайян карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки њукумати Тољикистон пурра ба меъёрњои аќаллї (минималї) барои бартараф намудани хариду фурўши одамон мувофиќат намекунад, вале барои мувофиќат намудан бо ин меъёрњо корњои зиёдеро ба анљом мерасонад. Дар ин њисобот нишон дода шудааст, ки Љумњурии Тољикистон ба ќонунгузории њозираи худ оиди хариду фурўши одамон таѓйиротро барои муайян намудани хариду фурўши одамон дароварда натавонист ва инчунин натавонист дар мубориза бурдан бар зидди иштироки давлат дар хариди фурўши одамон чорањои ќатъї бинад.

Вобаста ба њуќуќи мењнат чорчўбаи асосии ќонунї барои озодии ассосиатсияњо, нест намудани мењнати маљбурї ва тафовут вобаста ба таъмин намудан бо љои кор ва машѓулият, вуљуд дорад. Инчунин дар иљро намудани сиёсат оиди  ислоњоти ќабулшуда душворињо дучор меоянд. Яке аз проблемањо њоло њам мењнати кўдакона мебошад чунки њукумат ќонуну ќоидањоро оиди шароитњои кории ќобили ќабулро барои кўдакон љорї нанамудааст. Инчунин мактаббачањо ва донишљўён ба пахтачинї њоло њам љалб карда мешаванд.

Занон дар Тољикистон зиёдтар аз камбизоатї ва бекорї азоб мекашанд, чунки ба онњо оќибатњои муњољирати мењнатї, асосан муњољирати мардон таъсири мусбї мерасонад. Моњи майи соли 2008 Намояндаи махсуси СММ (Репортёр) оид ба «Зўроварї бар зидди занњо» бо таклифи Њукумат ба Тољикистон омад. Ин Репортёр муайян намуд, ки инфраструктураи муњофизї дар кишвар хеле суст мебошад, ки ба коњидагии зиёдтари занњо ба зўроварї ва поймолкунии њуќуќњо (дискриминатсия) чи дар дохил ва берун аз муњити хонањои худ оварда мерасонад.

***Муносибатњои хориљї***

Дар муносибатњо бо љањони беруна, Тољикистон сиёсати «серљониба»-ро давом медињад, ки барои ба даст овардани мувозинат дар муносибатњо бо њамаи кишварњои њамсоњои худ равона карда шудааст. Наздикии Афѓонистон аз нуќтаи назари устувории шароит бинобар интиќоли њаљми калони маводи мухаддир њоло њам яке аз масалањои њалталаб мебошад.

Дар давоми якчанд соли охир муносибатњои иќтисодї ва миллї бо Россия аз рўи расму одат давом дода шуд. Омили мутаносибан нав ин иштироки зиёдшудаи Хитой аз љињати иќтисодї дар якчанд лоињањо оиди инфраструктура дар Тољикистон мебошад.

Њамчун аъзои ИДМ Тољикистон дар Созмонњои байналмиллалї фаъолона иштирок менамояд аз он љумла дар Љомеаи Иќтисодии Аврупо-Осиё (ЕВРАЗЭС), Созмони Њамкории Иќтисодї (СЊИ) ва Созмонњои Њамкории Шанхай (СЊШ), ки инчунин Хитой, Россия, Ќазоќистон, Узбекистон,

Тољикистон ва Ќирѓизистонро дар бар мегирад. Моњи августи соли 2008 дар љумњурї Саммити сарони давлатњои СЊШ гузаронида шуд.

Тољикистон бо ИА Созишномаи њамкорї ва партнёрї дорад. Дар чорчўбаи стратегияи Осиёи Марказї ИА бо Тољикистон муносибатњои боз њам зичтарро тараќќи дода истодааст.

# ЗАМИМАИ 2 – НИШОНДОДЊОИ АЛОЊИДАИ ИЌТИСОДЇ

| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 *Бањои тахминї* | 2008 *Пешбинї* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мањсулот ва харољотњо | *(Таѓйирёбии фоиз дар асл)* | | | | | | |
| ММД | 9.1 | 10.2 | 10.6 | 6.7 | 7.0 | 7.8 | 7.0 |
| Мањсулоти умўмии саноатї | 6.3 | 9.9 | 13.8 | 8.5 | 6.7 | 9.9 | нест |
| Мањсулоти умўмии соњаи кишоварзї | 14.0 | 9.1 | 11.3 | 3.1 | 4.8 | 6.5 | нест |
| Таъминот бо кор | *(Таѓйирёбии фоиз)* | | | | | | |
| Ќувваи мењнат (ба хисоби миёна дар як сол) | 1.7 | 1.5 | 10.4 | 1.0 | 1.4 | -0.1 | нест |
| Таъминот бо кор (ба хисоби миёна дар як сол) | 1.5 | 1.5 | 10.8 | 1.1 | 1.2 | 0.0 | нест |
| | *(Дар фоизи ќувваи мењнат)* | | | | | | |
| Бекорї (ба хисоби миёна дар як сол)[1] | 2.5 | 2.4 | 2.0 | 1.9 | 2.2 | 2.2 | нест |
| Нархњо ва маош | *(Таѓйирёбии фоиз)* | | | | | | |
| Нарњои истеъмолї (ба хисоби миёна дар як сол) | 12.2 | 16.4 | 7.2 | 7.3 | 10.0 | 13.2 | 20.8 |
| Нарњои истеъмолї (end-year) | 14.5 | 13.7 | 5.7 | 7.1 | 12.5 | 19.8 | 15.0 |
| ETCF-2005-11-38 | Точикистон: Бонки Эсхата - Institution Strengthening: Assessment and Development of IT | 142,650 | 77,182 | 17/11/05 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2005-11-39 | Тољикистон: Точикосодиротбонк (ТСБ) – Амалї намудани илдораи корпоративї | 49,494 | 49,494 | 17/11/05 | Пушида шудааст |
| ETCF-2006-12-46 | Механизми маблаѓгузории корхонањои микро ва хурди Тољикистон - Мушовирон оид ба кредитдињї | 410,000 | 400,669 | 07/12/06 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-02-06 | Точикистон: Таъсиси Бюрои иттилоотї оид ба кредитдињї – марњилаи 1, тањќиќот оиди амалишавии он | 16,968 | 16,968 | 20/02/07 | Пушида шудааст |
| ETCF-2007-02-07 | Таќризи бозори амонат дар Тољикистон | 37,549 | 37,549 | 20/02/07 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-02-08 | Бонки аввалаи микромолиявии Тољикистон – Бањодињии ќарз | 83,115 | 0 | 20/02/07 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2007-02-10F | Иљрои барномаи нави ХМТ дар Тољикистон - Чорчуба | 300,000 | 131,613 | 20/02/07 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-02-11 | Тољикистон: Агроинвестбанк (АИБ) Идораи корпоративї | 49,500 | 42,971 | 22/02/07 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-07-34F | БРФК - Лаъл | 74,440 | 36,158 | 18/07/07 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-07-35F | БРФК - Полиграф | 74,440 | 14,505 | 18/07/07 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2007-09-41 | Тољикистон, Барномаи рушд ва нигоњубини роњњо: Бинес план оид ба нигоњубини роњњо | 455,000 | 0 | 05/09/07 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2007-10-45F | Тољикистон – Шурои сармоягузорї дар КДАГ-њои алоњида | 162,112 | 17,511 | 24/10/07 | Пардохт шуда истодааст |

| Commitment Number | Commitment Name | Committed | Disbursed | Fund Approved Date | Commit. Stage Name |
|---|---|---|---|---|---|
| ETCF-2007-12-60 | Чорчубаи молиявї оиди соњаи кишоварзї Тољикистон (ЧМКТ) – Њамкории техникї барои барномањои ќарздињї | 500,000 | 0 | 18/12/07 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2008-01-02F | Лиња оид ба роњњои Тољикистон: тайёр намудани бинесс-план | 45,000 | 5,768 | 24/01/08 | Пардохт шуда истодааст |
| ETCF-2008-03-13 | Чорчубаи молиявии соњаи кишоварзї – Барнома оиди ќабули анборхонањо - Модули 1 | 50,000 | 0 | 28/03/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2008-03-15 | Системаи обтаъминкуни Хуљанд II – Барнома оиди идораи корпоративї ва дастгирии шањр барои шањри Хуљанд ва ширкати обтаъминкунї | 499,930 | 0 | 28/03/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2008-05-19 | Чорчубаи молиявї оиди соњаи кишоварзии Тољикистон (ЧКМ) - Њамкории техникї барои барномањои ќарздињї | 245,000 | 0 | 21/05/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| ETCF-2008-07-27 | Тољикистон: Чорчубаи сектори молиявї – Ќарздињї ба КХМ – Хизматњои машваратї | 200,000 | 0 | 18/07/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| FIOD-2008-07-02 | Системаи обтаъминкуни Хуљанд II – Тайёр намудани мастер-план | 199,950 | 0 | 03/07/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| FLN-2003-09-01 | Системаи обтаъминкуни Хуљанд – Тањќиќот оиди иштироки тарафњои дахлдор | 35,380 | 35,380 | 30/09/03 | Пушида шудааст |
| JAP-2002-07-05 | Тољик Телеком: Чорчубаи танзимї Барномаи рушд II | 300,000 | 300,000 | 03/07/02 | Пушида шудааст |
| JAP-2008-01-01 | Љопон-БАТР Осиёи Марказї КМХ БИ Механизми устуворкунї - Имон – Мушовир оид ба системањои иттилоотї | 41,079 | 7,067 | 10/01/08 | Пардохт шуда истодааст |
| JAP-2008-01-02 | Точикистон : Љопон-БАТР Осиёи Марказї КМХ БИ Механизми устуворкунї - Имон – Мушовир оиди трансформатсия | 10,741 | 0 | 15/01/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| JAP-2008-01-03 | Љопон-БАТР Осиёи Марказї КМХ БИ Механизми устуворкунї - Имон –Мушовир оиди масъалањои менељмент | 7,289 | 0 | 15/01/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| KORU-2008-05-04 | Сектори коммуникатсияњои Тољикистон Њамкории техникї – Рушди соњаи ќонунгузорї ва танзимї – марњилаи 1 | 160,000 | 16,000 | 30/05/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| LUX-2004-06-05 | Барномаи ИСМ оид ба љамотањо –Покровка – љумњурии Ќирѓизистон | 89,566 | 89,566 | 09/06/04 | Пушида шудааст |
| LUX-2006-03-05F | ИСМ – љамоати Ворух | 22,704 | 22,704 | 28/03/06 | Пушида шудааст |
| LUX-2007-09-07 | Тољикистон, Чорчубаи кишоварзии молиявї (ЧКМ) | 23,000 | 20,150 | 05/09/07 | Пардохт шуда истодааст |
| LUX-2008-02-01 | Дастгирии ХМТ/ТОКСММ ба агробизнесси МКМ дар Тољикистон | 60,274 | 0 | 19/02/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| LUX-2008-04-04F | Лоињаи БРФК оид ба љамоатњо Нохияњои атрофи Душанбе - Тољикистон | 85,270 | 9,813 | 24/04/08 | Пардохт шуда истодааст |
| NORG-2005-01-01 | Системаи обтаъминкунии Хуљанд – Барномаи такрорї барои тайёр намудани чорчубаи танзимї ва барномаи бењтар намудани фаъолият | 197,672 | 191,744 | 25/01/05 | Пардохт шуда истодааст |
| NORG-2008-06-01 | Системаи обтаъминкунии Хуљанд - Барномаи бењтар намудани фаъолият молиявї ва амлиётї. | 65,000 | 0 | 24/06/08 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| SWE2-2006-05-01 | Лоиња оид ба идора намудани партовњои сахт дар ш. Душанбе | 434,550 | 152,093 | 24/05/06 | Пардохт шуда истодааст |
| SWET-2007-09-02 | Аз нав барќароркунии ситемаи обтаъминкунї дар љануби Тољикистон – имконсанљї | 499,800 | 376,908 | 19/09/07 | Пардохт шуда истодааст |
| SWET-2007-12-03 | Лоињa оид ба идора намудани партовњои сахт дар ш. Душанбе; давом додани имконсанљї – тадќиќотњо дар соњаи муњити атроф | 171,700 | 0 | 12/12/07 | Ба ўњда гирифта шудааст |
| | Умўмї | 12,607,918 | 7,589,766 | | |
| | Шумораи ўњдадорињо: | 62 | | | |

## ЗАМИМАИ 8 – ЛОИЊАЊОИ КОР КАРДА ШУДА ИСТОДА ОИДИ ЊАМКОРИИ ТЕХНИКЇ

| Номи лоињa оиди ЊТ | Номи сектор | Маблаѓи муваќќатї (K ) |
|---|---|---|
| Лоињa оиди системаи обтаќсимкунї дар шањрњои љануб (Кулоб-Данѓара): Дастгирї дар иљрои лоињa, гузаронидани бањодињии иљтимої ва тањќиќот оиди иштироки тарафњои дахлдор | Зерсохтори мунисипалї | 300 |
| Лоињa оиди идораи партовњои сахт дар ш. Душанбе: Дастгирї дар иљрои лоињa ва таъминот | Зерсохтори мунисипалї | 400 |
| Мунисипалитетњои Хуљанд- Кулоб - Данѓара: Хадамоти машваратии мугисипалитет ва дастгирї дар иљроиши он | Зерсохтори мунисипалї | 200 |
| Тољик телеком: Сохтори нињодї, корпроратсия намудани SOE, тайёрї ба хусусигардонї, Рушди танзимии Телеком | Телеком | 300 |
| Соњаи истихрољи маъдани Тољикистон: Тањќиќи ќонунгузорї дар бораи саноати истихрољи маъдан ва мусоидат намудан ба сармоягузорї дар соњаи истихрољи маъдан | Захирањои табиї | 100 |
| Дастгири лар рушди стансияњои хурди гидроэлектрикї | Энергетика ва ќувваи барќ | 250 |
| Чорчубаи молиявии соњаи кишоварзии Тољикистон (ЧКМТ): Њамкории техникї барои барномањои ќарздињї (давомаш) | Тиљорати хурди гурўњї, НМ | 400 |
| Хадамоти машваратї ва гузаронидани тренинг барои миёнаравии тиљоратии БМС | НМ | 120 |
| Агроинвестбонк: Барномаи сохтои институтсионалї баъд аз сармоягузорї | НМ | 500 |
| Тољикистон: Таъсис намудани Бюрои иттиллоотї оид ба кредит: Марњилаи 2 | Тиљорати хурди гурўњї, НМ | 250 |
| Лоињањои КДАГ дар КХМ: Тайёр намудани лоињa, ХМТ, иљрои муносиби МЌБ, ММБ, ММЯБ | Гурўњи Осиёи марказї/ КДАГ | 200 |
| СБЊМ: љорї намудан ба КХМ-њо | Сектори соњибкорї | 400 |
| | | |
| Њамагї | | 3,420 |

## ЗАМИМАИ 9 - ИСМ/ХМХ ДАР ТОЉИКИСТОН 2009-2011

### Таљрибаи пешинаи БРФК/ХМХ дар Тољикистон.

Аз бози ќабул шудан дар соли 1999 Барномањои БРФК/ХМХ дар Тољикистон зиёда за 1,6 миллион евроро сафарбар намудаст. Маблаѓгузорї аз тарафи Иттињоди Аврупо, Љопон, Канада, Фонди кўмакрасонї барои кишварњои дар давраи аввали гузариш буда бо иштироки якчанд донорон, Ташкилоти озуќа ва кишоварзии СММ (ТОКСММ) ва Люксембург таъмин карда шудааст. Барномањои БРФК/ХМХ-и Тољикистон аз соли 2007 инчунин аз тарафи БАТР маблаѓгузорї карда шуда истодаанд.

**БРФК**. Барномаи БРФК амалиёти худро дар Тољикистон дар охири соли 1999 оѓоз намуд. Дар ин муддат БРФК 6 лоињањоро дар Тољикистон амалї намуд, ки њамаи онњо бо маблаѓгузории ИА, Љопон ва Канада иљро карда шудаанд. Лоињањои БРФК комплексї мебошанд ва мудохилаи онњо соњањои саноати гунонун ва бисёр соњањои амалиёти тиљоратиро дар бар мегирад. Сатњи хоњишмандї ва омодагии кормандони корхонањо ва љамоатњои кўмак расонида шуда барои омўхтани дониш аз гурўњњои БРФК,  њамчун омили асосии муваффаќияти лоињањои БРФК муайян карда мешавад.

Илова ба 6 лоињањо оиди таљдиди корхонањо дар ноњияи Ворухи Тољикистон лоињаи љамоати бо маблаѓгузории Люксембург амалї карда шуд. Ин лоиња бо муваффаќият иљро карда шуд ва ба наздикї лоињаи нави љамоатї дар шањри Душанбе ва нoњияњои гирду атроф оѓоз меёбад. Маќсади асосии лоињањои љамоатии БРФК кўмак расондан ба рушди иќтисодї, мусоидат намудан ба устувории иљтимої, зиёд намудани љойњои корї ва бењтар намудани шароити зиндагї дар нoњияњо бо истифодаи методологияи БРФК ба ањолии минтаќањои камбизоаттарин ва  озурдатарин дар кишварњое, ки дар давраи аввали гузариш мебошанд, бо роњи васеъ намудани имкониятњо барои соњибкорони муќаррарї, мебошад.

**ХМХ**. Барномаи ХМХ дар Тољикистон бо маблаѓгузории Фонди кўмакрасонї барои кишварњои дар давраи аввали гузариш буда бо иштироки якчанд донорон моњи апрели соли 2007 таъсис шуда буд. Барномаи ХМХ инчунин аз тарафи БАТР ва ба наздикї аз тарафи ТОКСММ ва Люксембург маблаѓгузорї карда шуда буд. То охири моњи майи соли 2008 барномаи ХМХ дар Тољикистон љамъ 27 лоињаро бо корхонањои хурд ва миёна бо чалби 12 машваратчиён иљро намуд. Аз рўи Барномаи ХМХ ба корхонањое кўмак расонида шуд, ки онњо аз рўи намуди саноат, њаљм ва љойгирии љуѓрофї фарќиятњои зиёде доранд. Аксарияти лоињањо дар соњаи хизматрасонї бо корхонањои хурд, берун аз пойтахти кишвар амалї шудаанд. Лоињањои дастгирї карда шуда њадафњои гуногун доштанд ва хизматњои гуногуни машваратиро дар бар гирифтанд. Аксарияти лоињањо барои бењтар намудани фаъолияти бозорњо бо роњи гузаронидани тањлил ва ба наќшагирии бозор равона карда шудаанд. Харољоти хизматрасонињо дар Тољикистон аз рўи лоињањои ХМХ имрўз аз 800 то 11 000 евроро ташкил медињанд.

Илова ба лоињањои стандартии ХМХ, Барнома инчунин фаъолиятро оид ба рушди бозор бо роњи омўзондани машваратчиёни  мањаллї амалї намуд.

**Алоќа бо сектори бонкї**. Корхонањое, ки ба онњо аз рўи барномаи ХМХ кўмак расонда шуд 5 маблаѓгузориро аз БАТР ва ё миёнаравњои молиявии бо БАТР вобаста буда љалб намуданд. БАТР зиёда аз 4,6 миллион евроро маблаѓгузорї намуд ва њаљми умумии лоињањо зиёда аз 6,1 миллион евроро ташкил дод. Гарчанде ки ягон корхона, ба ѓайр аз он корхонањое, ки аз рўи барномаи ХМХ кўмак гирифтаанд, аз БАТР ё миёнаравњои молиявии аз БАТР вобаста буда ягон маблаѓгузорї нагирифтаанд, як корхонае, ки аз рўи барномаи ХМХ кўмак гирифтааст, маблаѓгузориро дар њаљми 375 000 евро аз манбањои маблаѓгузории берун аз Тољикистон, ки ба БАТР вобастагї надоранд, гирифта тавонист.

2. **Сектори КМХМ ва инфраструктура барои Хадамоти машваратии тиљоратї.**

Дар ин ќисм проблемањои асосї ва монеањои давраи гузариш барои сектори КМХМ дар Љумњурї муайян карда мешаванд. Дар ин љо назар ба сатњи фаъолияти соњибкорї муњити тиљоратї, проблемањои соњаи КМХМва хизматрасонї оиди дастгирии тиљорат оварда шудааст.

**Сектори КМХМ, ки дуруст тараќќї нашудааст, вале иќтидори бузург барои рушд дорад:** дар солњои охир наќши сектори КМХМ дар иќтисодиёти Тољикистон зиёд гаштааст вале њоло њам кўшиши бисёр лозим аст, ки сектори динамикии корхонањои хусусї ташкил карда шавад ва сатњи муњољирати мењнатї паст карад шавад. Корхонањои КМХМ дар соњаи савдо ва кишоварзї амал менамояд. Сатњи пасти раќобатнокї дар сатњи байналмиллалї ва малакањои дуруст тараќќї наёфтаи соњибкорон тавшишовар мебошанд.

**Кор кардан дар муњити мушкили тиљоратї:** соњибкорони Тољикистон дар чорчўбаи вазнини танзимї амал менамоянд ва ба бисёрии онњо лозим меояд, ки барои њалли баъзе масъалањои маъмурї ба таври ѓайрирасмї маблаѓњои муайян пардохт намоянд. Дастрасии мањдуд ба молияњо яке аз монеањои асосї барои тиљорат дар Тољикистон мебошад, чунки њам сектори бозори молиявї ва њам сектори микромолиявї њоло њам дуруст тараќќї наёфтаанд. Бинобар пардохтњои баланд, системаи андоз њам яке аз монеањои асосї барои рушди корхонањои хусусї мебошад, ки ба рушди тиљорат халал мерасонад ва ба коррупсия (ришвахўрї) мубтало мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки дар оянда маблаѓгузории паст ба сармояи инсонї раќобатнокии сектори соњибкории Тољикистонро дар сатњи байналмиллалї зери хатар мемонад.

**Талаботи паст ба хизматрасонии машваратии тиљоратї:** КМХМ-њо аксари ваќт дар бораи вуљудияти хизматњои машваратї огоњ нестанд ва ё ки дар бораи фоидаи он кам бохабаранд. Илова бар ин мањдудиятњои молиявї ва хоњиши КМХМ барои пардохт намудани маблаѓ барои хизмати машваратї ба рушди бозор халал мерасонад. Ваќте ки аз онњо пурсида мешавад, ки кадом хизматњо барои ширкатњои онњо лозим аст, намояндагони КМХМ аз рўйхати хизматњои машваратї бо дастгирии барномањои ХМХ, аксаран системањои ИТ, ба наќшагирии тиљоратї, маркетинг ва омўзондани коргаронро номбар менамоянд. Натиљањои пурсишномањои гузаронидашуда ин хулосањоро тасдиќ менамоянд ва инчунин талаботи зиёдшуда истодаро барои идораи сифатнок ва хизматрасонї оиди сертификатсия номбар менамоянд. Зиёд намудани фаъолият

дар шаҳри Душанбе ва Хуҷанд ба рушди бозор оид ба хизматрасонии машвартии тиҷоратӣ таъсири калон мерасонад. Машварати тиҷоратӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт нокифоя аст, вале соҳаҳое, ки ингуна хизматрасонӣ дар онҷо аз ҳама зиёдтар натиҷабахш мебошад, ин соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес мебошад, ки ин соҳаҳо ҳамчун соҳаҳои аҳамияти асосии стратегӣ дошта муайян карда шудаанд.

**Бозори дуруст тараққӣ наёфта барои хизматрасонии тиҷоратӣ:** Дар Тоҷикистон ягон инфрастуктураи давлатӣ барои дастгирии тиҷорат вуҷуд надорад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ бозори Тоҷикистон барои хизматрасонии машваратӣ  дар давраи аввали рушд аст. Ба ғайр аз проблемаҳои талабот, пешниҳоди хизматҳои машваратии тиҷоратӣ низ паст аст. Илова бар ин маҳдудиятҳои молиявӣ ба машваратчиён имконият намедиҳанд, ки онҳо малакаҳо, таҷриба ва ё тахассуси худро равнақ диҳанд. Хизматҳои машваратӣ, ки аз ҳама зиёд ҳозир пешниҳод мешаванд, ин таҳлили молиявӣ ва оптимизатсия, иҷрои системаҳои ИТ  ва реклама мебошад. Ба ҳар ҳол дар хизматрасонӣ камбудиҳои бисёре ҳаст, ки онҳоро барои дар оянда қонеъ намудани талаботҳои КМХМ-ҳои Тоҷикистон ҳал намудан лозим аст, ба монанди хизматрасонӣ барои иҷрои меъёрҳои байналмиллалии идораи сифатнок, рушди тамғазанӣ ва идора, аз нав ташкилсозӣ ва таҷдид ва инчунин идора намудани захираҳои инсонӣ. Аз нуқтаи назари тақсимоти ҷуғрофии хизматҳои машваратии тиҷоратӣ, ҳамаи ноҳияҳои кишвар ба таъминот ва сифати хизматрасонӣ эҳтиёҷ доранд, вале дар Душанбе ва шаҳри Хуҷанд таъминоти хизматрасонӣ аз ҳама зиёд тараққӣ ёфтааст. Гарчанде, ки ин соҳа ба таври кофӣ тараққӣ наёфтааст ва иқтидори он маҳдуд мебошад, барои рушди бозори машварат умуман ва ширкатҳои алоҳидаи машваратӣ, барои баланд бардоштани иқтидор ва пешниҳод намудани хизматҳои мураккабтар имконият пайдо мешавад, агар ба рушди малакаҳо ва гузаронидани тренингҳо маблағгузорӣ карда шавад. Ин маблағгузориҳо бо талаботи зиёд шуда истода вобастагӣ дорад.

**Дастгирии маҳдуд барои сектори соҳибкории хусусӣ аз тарафи ҳукумат:** Роҳе, ки ҳукумати Тоҷикистон барои сектори соҳибкории хусусӣ интихоб намудааст, ин мудохила ба чорчӯбаи танзимӣ мебошад. Ба ҳар ҳол дар ин соҳа боз беҳбудиҳои зиёд ҷорӣ намудан лозим аст ва кӯшиш намудан лозим аст, ки дар қонунгузории ҷомеаи тиҷоратӣ тағийроти лозима дароварда шавад.

**Иштироки донорони байналмиллалӣ:** Мувофиқи маълумоти аз OECD гирифта, ба Тоҷикистон  дар соли 2006 тақрибан 240 миллион долларӣ амрикоӣ ҳамчун кӯмаки расмӣ барои рушд ворид гаштааст. Қисми зиёди ин маблағ ба рушди сектори хусусӣ равона шудааст. Аксарияти барномаҳо дар минтақаҳои камбизоат дар ҷануб ва шарқи ҷумҳурӣ муттамарказ шудаанд.

## 2. Тавсияҳо барои мудохилаи ояндаи БРФК/ХМХ

Дар ин қисм мудохилаи БРФК/ХМХ оварда шудааст, ки барои ҳал намудани камбудиҳо ва мушкилотҳои дар қисми пешина таҳлилшуда пешниҳод шудаанд.

**Давом додани БРФК**: Бо назардошти сатҳи пасти рушду равнақи бозори маҳаллии машваратӣ, маслиҳатҳои тиҷоратӣ аз тарафи мутахассис  (эксперт)

дар Тољикистон хеле лозим аст. Хусусан бо иљрои лоињањои љамоатї дар агробизнес, барномаи БРФК имкониятњои калон барои бењтар намудани шароити зиндагии љамоатњои мањаллї дорад, ва инчунин барои омода сохтани имкониятњои тиљоратї барои паст намудани сатњи муњољирати мењнатї. Вале азбаски иќтисод ба куллї ба таври мунтазам васеъ гашта истодааст, талабот барои лоињањои БРФК дар дигар секторњо, ба ѓайр аз агробизнес, бояд зиёд шавад. БРФК дар муайян намудани мушкилоти соњибкорї ва кўмак расондан ба соњибкорон дар њал намудани онњо ба воситаи љорї намудани таѓийротњои сохторї ва омўзондани донишу малакаи идоравї наќши калон бозида метавонад. Ба таври васеъ гузаронидани чорабинињо барои тасвири њолатњои муваффаќиятноки дигаргун сохтани соњибкорї, инчунин барои рушди сектори хусусї хеле муњим мебошад.

**ХМХ**: Дар ќиёси сатњи пастї бењтар шудани амалиётњои тиљоратї ва бозори тиљоратии нав тавлид ёфта истода, барномаи ХМХ барои мусоидат намудан ба љараёни гузариш дар Тољикистон имкониятњои калон дорад. Бартарии асосии ин барнома дар он аст, ки бо роњи амал намудан њам аз љињати талабот ва њам аз љињати таъминот, ин барнома барои омода сохтани инфраструктураи муњим барои дастгирии тиљорат мусоидат менамояд. Бо назардошти мољияти иќтисодии шањр ва талаботи баланд барои хизматњои машваратии тиљоратї, бо маќсади таъмин намудани рушди бозори устувори машваратї, дар шањри Хуљанд офиси дуюми ХМХ кушода шуд. Таъмин намудани кўмаки бевосита ба корхонањои хурд ва миёна бо роњи хизматњои машваратии якљоя маблаѓгузорї карда шуда, бояд вазифаи асосии барномаи ХМХ бошад. Дар ин марњила, бинобар рушди сусти бозор, дар ваќти додани грантњо нисбат ба њаљми корхона, намуди саноат, љойгиршавии минтаќавї ва ё намуди машварат фарќият кардан лозим нест. Бо назардошти маблаѓњои мањдуди молиявї ва омодагї барои пардохти маблаѓњо ба соњибкорони тољик, ба њар њол бояд њаљми максималии грант аз 50 фоиз ба 75 фоизи харољоти умумии лоиња бошад.

**Фаъолияти њадафнок оиди рушди бозор**

Барои муваффаќ гаштан ба таъсири мунтазам аз љињати рушди сектори соњибкории хусусї ва бозори хизматрасонии машваратї, бояд кўмаки бевосита дар сатњи корхонањо бо фаъолияти зерини рушди бозор якљоя карда шавад:

- Шаффофият ва пањншавї: бо назардошти сатњи пасти огањї дар бораи вуљудият ва бартарињои хизматњо оиди рушди тиљорат, ХМХ бояд корњои зиёдро дар ин соња ба анљом расонад.
- МКМ ва тренинги машваратї: барои барпо намудани иќтидори лозима дар бозори машваратї, ХМХ бояд диќќати худро дар аввал ба гузаронидани тренинг оид ба малакањои машваратї дињад, ва баъд аз он ба тренингњои махсус гузарад.
- Дастгирї ва рушди ниходњои мањаллї ва њамкорї бо дигар ташаббусњои донорї: Бо назардошти ташаббусњои зиёди донорї, ки айни замон дар Тољикистон амалї шуда истодаанд, ХМХ барномањои худро бо дигар лоињањои аз тарафи донорон маблаѓгузорї кардашуда, ки ба рушди сектори хусусї равона шудаанд, њамоњанг месозад. Инчунин ХМХ барои таъсис намудани ассосиатсияњои тиљоратии машваратї дар љумњурї мусоидат намуда метавонад.

**Додани диќќати бештар ба њалли масъалањои њарљониба**

БРФК/ХМХ бояд масъалаҳои зерини ҳарҷонибаро ҳал намояд:

- Додани маслиҳат ба соҳибкорон оиди имкониятҳои *баланд бардоштани самаранокии истифодаи қувваи барқ ва ҷое, ки лозим аст, кам кардани сатҳи ифлос гардондани муҳити атроф.*
- Мусоидат намудан ба соҳибкории занона, хусусан дар сектори агробизнес ва савдо, ки фаъолияти онҳо асосан дар он ҷо мутамарказ шудааст, ва мустаҳкам намудани мавқеи онҳо дар ҷомеаи тиҷоратӣ.
- Мусоидат намудан барои беҳтар гардондани шароити зиндагӣ *дар минтақаҳои деҳот* ба воситаи лоиҳаи ҷамоатии ХМХ, беҳтар намудани хизматрасонии машваратӣ оид ба тиҷорат дар соҳаи кишоварзӣ якҷоя бо ТОКСММ. Таъсис намудани инкубатори хӯрока пешниҳод шудааст - корхонаи навъоварӣ, ки барои таъминотчиёни маҳаллӣ воситаҳоеро таъмин менамоянд, ки онҳо ба меъёрҳои сифати хӯрока ва солимӣ ҷавобгӯ бошанд ва ба таври самаранок маҳсулоти худро фурӯшанд.
- Бо мақсади паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ асосан *барои ҷавонон дар дохили Ҷумҳурӣбисьёртар имкониятҳои тиҷоратӣ* таъмин намудан лозим аст. Барномаи ХМХ аллакай дар ин ҷода бо кӯмаки лоиҳаҳои ҷамоатии худ мусоидат менамояд. Инкубатори хӯрока метавонад ҷойҳои корҳои навро дар коркарди маводи хӯрока таъмин намояд ва инчунин соҳибкории оғоз шуда истодаро дастгирӣ намояд.

**Саҳм гузоштан барои мустаҳкам намудани алоқа бо сектори бонкӣ**

Якҷоя бо нақшаи стратегии БРФК/ХМХ барои солҳои 2008-2010, БРФК/ХМХ бояд кӯмаки худро ба бонк давом диҳад, барои дастрас намудани ҳадафи худ оид ба омода сохтани канали лоиҳавӣ барои маблағгузориҳои бевоситаи бонк бо иқтидори таъсирии гузаришӣ бо се роҳ: *1) муайян намудани корхонаҳои мувофиқ, ки Бонк ба онҳо дертар маблағгузорӣ намуда метавонад; 2) таъмин намудани хизматҳои машваратӣ ва тиҷоратӣ ба ин корхонаҳо; 3) пешниҳод намудани номзадҳо барои шӯрои ғайрииҷроия дар ин корхонаҳо*. Илова бар ин барнома бояд КМХМ-ро ки ба маблағ эҳтиёҷ доранд, бо ниходҳои маҳаллии молиявӣ, ки аз тарафи БАТР дастгирӣ карда мешаванд, пайваст намояд. Бо ин роҳ БРФК/ХМХ ба яке аз аввалиятҳои бонк дар кишвар мусоидат менамояд, ба таври аниқ гӯем, ба дастгирии устувори сектори соҳибкории хусусии маҳаллӣ, чи тавре ки дар стратегияи кишвари БАТР барои Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Мусоидат намудан ба мусоҳибаи стратегии БАТР**

Бо роҳи ҳаматарафа таҳлил намудани муҳити тиҷоратӣ ва ба таври аниқ муайян намудани мушкилотҳое, ки сектори соҳибкорӣ ба он дучор меояд, ин стратегия боз ҳам воситаҳои гузаронидани мусоҳибаи стратегии БАТР-ро мустаҳкам менамояд.

Барои имконият додан ба сектори хусусии Тоҷикистон, то ки он ба ҳаҷми пурраи худ равнақ ёбад, дар чорчӯбаи танзимӣ ва ниходӣ ислоҳоти фавриро амалӣ намудан лозим аст, хусусан вобаста бо қоидаҳое, ки ба рушди тиҷорат халал мерасонад. Бо назардошти моҳияти калони сектори агробизнес инчунин ислоҳот дар сиёсати соҳаи кишоварзӣ лозим аст. Зиёда аз он боз ҳам

маблаѓгузорињои зиёдтар дар соњаи маориф ва тандурустї лозиманд, барои омода намудани базаи захирањои инсонии ихтисоснок, ки барои рушди мунтазами сектори хусусї ва паст кардани сатњи баланди тиљорати мењнатї лозиманд. Охиран бо роњи таъмин намудани тассавурот дар бораи барномањои дастгирикунанда, ки барои КМХМ вуљуд доранд, БАТР кўшиш менамояд, ки ба такрор намудани корњо дар сатњи байналмиллалї ва миллї, ки ба рушди сектори КМХМ-и Тољикистон равона шудаанд, роњ надињанд ва инчунин барои барзиёд пур шудани сектори хусусї.

**ЗАМИМАИ 10 - КЎМАКИ ДУЉОНИБА.**

**Канада**

Маблағгузорӣ барои ҳамкориҳои Канада ва Тоҷикистон ба воситаи барномаи агентиии Канада оид ба рушди байналмиллалӣ (CIDA), оиди ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ таъмин мегардад. Барномаҳои Канада дар Осиёи Марказӣ диққати худро асосан ба Тоҷикистон медиҳад ва маблағгузории онҳо то охири соли молиявии 2008-2009 тақрибан 3,8 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ин маблағгузорӣ Стратегияи ҳукумати Тоҷикистонро оид ба рушди миллӣ (СРМ), ки бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола алоқаманданд, дастгирӣ менамояд. Диққати фаъолияти CIDA дар Тоҷикистон ба рушди сектори хусусӣ равона карда шудааст, бо назардошти ислоҳоти аграрӣ дар деҳотҷойҳо, ки он ҷо аксарияти аҳолӣ зиндагӣ менамояд. Соҳаҳои асосии дастгирӣ инчунин мусоидат намуданро ба соҳибкории деҳотӣ ва таъмин намудани дастрасиро ба бозор барои истеҳсолкунандагони деҳот дар бар мегиранд. Масъалаҳои идора намудан бо роҳи дастгирӣ намудани идораи шаффоф, адолатнок ва дар асоси қонуну қоидаҳо амалишаванда дар ҳама ҷанбаҳои ислоҳоти аграрӣ ҳал карда мешавад, дар ҳоле, ки масъалаҳои рушди сектори хусусӣ бо роҳи таъмин намудани дастрасии бештар ба захираҳои молиявӣ, бозорҳо, технология ва иттилоотӣ барои хонаводаҳои деҳотӣ, ки мехоҳанд зиндагии худро беҳтар намоянд, ҳал карда мешаванд. Масъалаи баробарии гендерӣ ҳам дар ҳама фаъолиятҳои барномавӣ дар назар дошта мешавад ва компоненти асосии стратегӣ мебошад. Илова ба маблағҳои дуҷониба, ба монанди фонди КДАГ, маблағгузорӣ аз тарафи барномаи бисёрҷонибаи CIDA таъмин карда мешавад.

**Олмон**

Баъд азон,ки фавран баъд аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, диққати асосӣ ба кўмаки башардўстона ва хўрока равона шуда буд, ҳозир диққати асосии Ҳамкории Олмон оид ба рушд бо Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодӣ равона карда мешавад, аз он ҷумла ба рушди микромолияҳо, воситаҳои молиявӣ, мусоидат намудан ба корхонаи хурд ва миёна (КХМ) ва инчунин ба омўзиши касбӣ. Илова бар ин, ҳамкории молиявӣ дар сектори тандурустӣ амалӣ шуда истодааст (мубориза бар зидди туберкулёз, тандурустии репродуктивӣ, аз нав барқарор намудани инфраструктураи тиббӣ). Илова бар ин Ҷумҳурии Олмон ислоҳоти пешбинишударо дар системаи маориф дар чорчўбаи Ташаббуси Пешравии Тезонидашуда то соли 2010, дастгирӣ менамояд. Олмон инчунин розӣ шуд, ки барқарор намудани ду калиди 220 киловатаро дар стансияи гидроэлектрикии Норак дастгирӣ менамояд, ки он барои таъминот қувваи барқ дар Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Баъд аз оғоз намудани ҳамкории дуҷониба, Олмон ўҳдадор шуд, ки тақрибан 55 миллион евроро таъмин менамояд, аз он ҷумла кўмаки молиявӣ дар маблағи 19 миллион евро ва ҲТ дар иҷрои стратегияи Тоҷикистон оид ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ. Олмон инчунин шароити Тоҷикистонро оид ба қарзи беруна ба назар мегирад ва то ба қадри имкон маблағгузории грантҳоро таъмин менамояд ва бо дигар донорон дар ҷараёни дар пеш истодаи СЯДК (Стратегии якҷояии дастгирии кишвар) зич ҳамкорӣ менамояд ва иштироки худро дар чорчўбаи стратегияи рушди миллии Тоҷикистон давом медиҳад.

**Италия**

Дар чорчўбаи кўмак ва ҳамкории дуҷонибаи Италия ба Тоҷикистон танҳо кўмаки башардўстона расонда мешавад, ва инчунин ба лоиҳаҳои, ки аз тарафи СҒҲ-ҳо кор карда шудаанд.

Дар соли 2002 грант дар маблаѓи 410 000 евро барои Созмони Умўмиљањонии Тандурустї гузаронида шуд, барои расонидани кўмаки тиббї ва санитарї ба модарон ва кўдакон дар Тољикистон, Ўзбекистон ва Ќазоќистон. Доираи ин кўмак паст намудани сатњи фавти модарон ва кўдакони навзод дар кишварњои Осиёии Иттифоќи Советии пешина буд.

Баъд аз соли хушкї дар Тољикистон дар соли 2003 Италия кўмаки башардўстонаро ба маблаѓи умумии 775 000 евро таъмин намуд.

Дар соли 2001 илова бар кўмаки фавќулодда ба маблаѓи 800 000 евро барои ањолии аз гуруснагї зарардида, Италия иљрои лоињаи созмони ѓайрињукуматии COOPI-ро «Бењтар намудани шароити таъминоти об ва шароитњои иљтимої ва тиббї дар нохияњои Хоља Мастон, Ѓозималик ва Восеъи вилояти Хатлон» дастгирї намуд. Ин ташаббус, ки маблаѓи умумии он ба 1,6 миллион евро мерасад, аз грант ба маблаѓи 774 000 евро, ки ба 3 транши алоњида таќсим карда шудааст, иборат мебошад. Аз рўи ин лоиња, ки њоло дар марњилаи иљрошавї мебошад, барќарор намудани стансияи гидроэнергетикї, сохтани стансияњои обтаќсимкунї ва таќсимоти оби нўшокї дар нохияњои дар боло зикршуда пешбинї шудааст.

Соли 2005 њукумати Италия ба Раёсати СММ оид ба нашъа ва љинояткорї (UNODC) барои иљрои намудани барномаи «Назорат аз болои прекурсорњо дар Осиёи Марказї» грантро ба маблаѓи умўмии 250 000 евро људо намуд. Соли 2006 боз сањми нав дар маблаѓи 125 000 доллари амрикої барои давом додани лоињаи зикргардида дода шуд.

**Љопон**

Љопон кўмаки дуљонибаи худро ба Тољикистон соли 1991 оѓоз намуд. Дар миёнаи солњои 90-ум Япония диќќати асосии худро ба таъмин намудани кўмаки гуманитарї якљоя бо љомеаи байналмиллалї равона менамуд. Баъд аз он давра Љопон диќќати худро ба дастгирии зиёд намудани потенсиали Тољикистон ва њал намудани масъалаи мустањкам намудани сулњ ва демократия ба воситаи њамкории техникї бо JICA, илова ба дастгирї ва додани грант дар сектори тандурустї ба воситаи созмонњои байналмиллалї, равона намуд. Дар давраи солњои 1999-2003 Љопон барои шањрвандони Тољикистон 500 тренинг гузаронд.

Дар соли 2003 Љопон раванди барномањои худро оид ба кўмак расондан ба рушд дигар намуд, бо маќсади инъикос намудани санади стратегиии Тољикистон оид ба паст кардани сатњи камбизоатї (соли 2002) ва барномаи аз нав дида баромада шудаи маблаѓгузории давлатї (соли 2003).

Айни замон чор соњаи зерин, њамчун аввалияти баланд дошта, муайян карда шудааст: модернизатсия намудани хизматрасонї дар соњаи тандурустї, модернизатсия намудани соњаи маориф, бењтар намудани омўзиши касбї ва бењтар намудани таъминоти оби нўшокї дар ќишлоќљойњо.

Дар соли молияии 2005 (моњи марти соли 2006 ба охир мерасад), грантњои дуљонибаи Љопон, ки ба Тољикистон дода шудаанд таќрибан 4,6 миллион

доллари амрикоиро ташкил дод ва аксарияти онњо барои дастгирї намудани лоињањои хурди љамоатњо људо карда шудаанд. Њаљми умумии њамкории техникї ќариб 2,5 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ва ќисми ин маблаѓ ба лоињањои идоравї истифода шудаанд илова ба соњањои аввалиятноки зикршуда.

ODA-и Љопон ба Тољикистон (дар асоси пардохт, миллион доллари амрикої)

| Сол | Маблаѓгузорї барои грант | ЊТ |
|---|---|---|
| 2003 | 2.33 | 2.43 |
| 2004 | 1.36 | 5.21 |
| 2005 | 7.43 | 2.50 |

**Шветсия**

Агентии Шветсия оид ба њамкории байналмиллалї, Sida маблаѓгузории њукумати Шветсияро барои рушди њамкорї дар Тољикистон таъмин менамояд, ва дар шањри Душанбе офиси худро дорад. Њукумати Шветсия моњи августи соли 2007 ба ќарор омад, ки Шветсия њамкории дарозмуддати худро оиди њамкорї дар Осиёи Марказї ба таври мунтазам ќатъ менамояд. Сабаби асосии ин ќарор дар боз њам самараноктар истифода намудани кўмаки њукумати Шветсия, бо роњи додани диќќати асосї ба шумораи камтари кишварњо буд. Sida фаъолияти худро дар Тољикистон дар давраи солњои 2008-2010 давом медињад ва аз рўи њамаи созишномањоро маблаѓгузорї менамояд. Барои давраи ба таври мкнтазам ќатъ намудани фаъолияти худ Sida стратегияи навро кор карда баровард. Њадафи њамкории Sida оид ба рушд ин мусоидат намудан ба муњити атрофи ёрирасон барои кўшишњои одамњои камбизоат барои бењтар намудани шароити зиндагии онњо мебошад. Дар Тољикистон диќќати асосї ба идораи демократї ва њуќуќњои инсон, рушди иќтисодї ба сектори иљтимої дода мешавад. Маблаѓгузории њамкории техникии Шветсия инчунин ба лоиња оид ба партовњои сахти Душанбе ва лоињаи оиди барќарор намудани системаи обтаъминкунї дар љануби Тољикистон дар чорчўбаи созишномаи њамкории Sida бо БАТР аз љињати муњити мунисипалї дар минтаќаи КДАГ таъмин карда мешавад.

**Швейтсария**

| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|
| SECO | 10.7 | 7.8 | 4.5 | 7 | 6.2 |
| SDC | 5.5 | 5.8 | 5.1 | 6 | 6.3 |
| Швейтсарї њамагї | 16.2 | 13.6 | 9.6 | 13 | 12.5 |

Дар асоси созишномаи дуљониба оид ба њамкории техникї, молиявї ва гуманитарї, ки аз соли 2000-ум амал мекунад ва инчунин Стратегияи Њамкори Барои Минтаќаи Осиёи Марказї барои солњои 2007-2011, Котиботи давлатии оид ба корњои иќтисодї (SECO) ва Агентии Швейтсария оид ба рушд ва њамкорї (SDC) якљоя бо Тољикистон њамкорї менамоянд. Фондњои SECO, ки фаъолияти минтаќавиро дар Тољикистон дар бар мегирад, таќрибан 6 миллион долларро дар як сол ташкил медињад ва ба инфраструктура, рушди сектори хусусї ва савдо равона карда шудааст. SDC њам њамин ќадар маблаѓро барои иљрои лоињањо дар соњањои идораи дуруст, тандурустї ва пешгирї намудани офатњои табиї дастрас менамояд.

Диққати махсус, ҳамчун яке аз аввалиятҳо ба **рушди инфраструктура** дода мешавад, хусусан ба сектори қувваи барқ ва таъминоти об. 5 миллион доллари амрикоӣ ҳамчун маблағгузории якҷоя бо Бонки Умўмиҷаҳонӣ дода шуд барои маблағгузорӣ намудани хароҷотҳо вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ дар чорчўбаи лоиҳаи барқарор намудани стансияҳои гидроэнергетикӣ дар Бадахшони Кўҳӣ, ки аз тарафи «Памир Энерҷи», сармоягузор/оператори ғайридавлатӣ иҷро шуда истодааст. Соли 2003 Швейтсария инчунин грантро дар маблағи 8 миллион доллари амрикоӣ барои маблағгузории якҷояи лоиҳаи БРО ҷудо намуд, бо равона намудани диққати асосӣ ба минтақаҳои гирду атрофи шаҳри Душанбе. Инчунин 8 миллион доллари амрикоӣ барои маблағгузории якҷоя бо Бонки умумиҷаҳонӣ барои лоиҳаи иловагӣ оид ба қувваи барқ дода шуд, ки диққати асосии он ба кам намудани талафоти энергетикӣ бо роҳи насб намудани ҳисобкунакҳо ва иҷро намудани системаи чекдиҳӣ равона карда шудааст. Илова бар он ҳукумати Швейтсария якҷоя бо БАТР лоиҳаро оиди системаи обтаъминкунии Хуҷанд ба маблағи 3,15 миллион доллари амрикоӣ маблағгузорӣ менамояд.

Аз ҷиҳати **рушди сектори хусусӣ**, Швейтсария диққати асосии худро ба мустаҳкам намудани КХМ ба воситаи лоиҳаҳо оиди кўмаки техникӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ равона менамояд. Ин лоиҳаҳо якҷоя бо партнёрони зерин, ба монанди БАТР, ХБА ва ITC иҷро мегардан. Швейтсария инчунин гузаронидани тадқиқотро оид ба КХМ-ҳои Тоҷикистон, барои муайян намудани монеаҳо барои рушди минбаъда маблағгузорӣ намуд ва инчунин рушди саноати лизингиро дастгирӣ намуд.

Вобаста ба **савдо,** Швейтсария Тоҷикистонро дар кўшишҳои он барои ҳамроҳ шудан ба Созмони Байналмиллалии Савдо (СБС) бо роҳи гузаронидани тренинг барои мутахассисони расмӣ, ки дар гуфтушунид ва ҷараёни минбаъдаи иҷроишӣ иштирок менамоянд, дастгирӣ менамояд. Илова бар он SECO инчунин лоиҳаи кўмаки техникии минтақавиро дар идора намудани қарзи давлатӣ барои Тоҷикистон маблағгузорӣ намуд. Мақсади ин лоиҳа кўмак расондан ба ҳукумати Тоҷикистон дар идора намудани қарзи беруна ва мустаҳкам намудани чорчўбаи қонунӣ ва ниходӣ мебошад, чи тавре ки пешбинӣ карда шудааст. Илова бар ин SECO ба ҳукумати Тоҷикистон барои таъсис додани вазифаи аудити беруна мусоидат менамояд, бо мақсади беҳтар намудани назорат аз болои хароҷоти буҷет аз тарафи корхонаҳои давлатӣ ва минтақавӣ.

**Шоҳигарии Муттаҳид (Британияи Кабир)**
Департамент оид ба рушди байналмиллалӣ (DFID) намояндагии ҳукумати Шоҳигарии Мутаҳҳид мебошад, ки кўмаки Британияро ба кишварҳои тараққӣ ёфта истода мерасонад ва барои барҳам намудани камбизоатӣ ва қашшоқӣ кор мебарад. DFID барномаҳои дарозмуддатро дастгирӣ менамояд, бо мақсади кўмак расондан барои ҳал намудани сабабҳои камбизоатӣ дар зиёда аз 150 кишвар дар тамоми ҷаҳон. DFID инчунин ба кризиси башардўстона дар ҷаҳон чораҳои ҷавобӣ мебинад бо роҳи таъмин намудани маблағҳо барои амалиётҳои кўмакрасонӣ, кофтуковӣ дар ҳолатҳои фавқулодда барои наҷоти ҳаёти одамон.

DFID дар Тоҷикистон аз соли 2003 инҷониб амал менамояд, ва якҷоя бо ҳукумат ва донорон корҳоро оиди барҳам додани камбизоатӣ дастгирӣ

менамоянд ва ба рушди устувори кишвар мусоидат менамоянд. Дар давраи аз соли 2003 то 2007 мо таќрибан 8 миллион фунт стерлинги англисиро таъмин намудем ва барои солњои 2008-2009 5 миллион фунт стерлинги англисиро људо намудем. Мо ният дорем, ки барои корњои худ дар Осиёи Марказї усулњои нави минтаќавїро кор карда бароем ва диќќати асосии худро ба сектори обтаъминкунї, энергетика, наќлиёт ва савдо равона намоем. Дар Тољикистон мо оид ба рушди иќтисодї, идора, самаранокии кўмаки расонидашуда ва сармояи инсонї кор мекунем.

DFID ба мувофиќат ва њамоњангии кори донорон мусоидат менамояд, бо роњи ташаккул додан ва иљро намудани Стратегияи Якљояи Дастгирии Кишвар. Мо инчунин барномањои якљояро бо дигар донорон маблаѓгузорї менамоем.

**Иолоти Муттањидаи Америка**

АИМАРБ кўмакрасонии худро ба Тољикистон дар соли 1993 оѓоз намуд, баъд аз мустаќил гаштани љумњурї. Аз њамон ваќт оѓоз карда халќи Америка ба воситаи АИМАРБ зиёда аз 300 миллион доллари амрикоиро таъмин намуд ба воситаи барномањое, ки дар рушди сектори иќтисодии кишвар, системаи маориф ва тандурустї ва ниходњои демократї мусоидат менамоянд. Аз рўи барномањои АИМАРБ њамкорї бо вазоратњо, созмонњои њукуматї ва ѓайрињукуматї, тиљорат ва љамоатњо ба амал оварда мешавад бо маќсади бењтар намудани ќонунњо, ташкил намудани љойњои корї, баланд бардоштани даромад, бењтар намудани хизматрасонї ва бењтар идора намудани захирањои вуљуддошта.

Дар 5-7 соли кўмакрасонии АИМАРБ дар Тољикистон, таќрибан аз 2/3 ќисми њамаи маблаѓњо ба барномањое људо карда мешуданд, ки оиди кризиси гуманитарї, ки бо сабаби љанги шањрвандии солњои 1992-1997 ба вуљуд омада буд, кор мебарад. Дар ваќтњои охир АИМАРБ инчунин ислоњоти сиёсати иќтисодиро ва хусусигардониро дастгирї намуд, ба фермерон ва тиљоратњои хурд микрокредитњо дод ва барои бењтар намудани солимии модарон, кўдакон ва тандурустии репродуктивї кор бурд. Инчунин АИМАРБ дар корњои дар зери назорат гирифтани малярия ва таъмин намудани маводи хўрока ва ёрии тиббї ба кўдаконе, ки хўроки дуруст надоранд, мусоидат намуд. Айни замон диќќати асосии АИМАРБ ба ислоњоти сохтории кишвар равона карда шудааст ва инчунин ба бењтар намудани муњити савдо ва маблаѓгузорї, бењтар намудани идораи мањаллї, дастгирии стратегияи миллии маориф ва пешгирї намудани беморињои гузаранда, ба монанди касалии сил ва ВИЧ/СПИД.

Њар сол аз рўи буљети ИМА барои ин барномањо зиёда аз 20 миллион доллари амрикої људо карда мешавад.

Дар БАТР, АИМАРБ «Барномаи Рушди Иќтисодї»-ро маблаѓгузорї менамояд (дар соли молиявии 2007 7,3 миллион доллари амрикої). Кўмаки АИМАРБ дар кам кардани монеъањои танзимї ва администраторї, ки ба онњо корхонањои хурд ва миёна (КХМ)дучор меоянд бо роњи мусоидат намудан барои гузаронидани гуфтушуниди ѓайрирасмии давлатї-хусусї байни њукумати Тољикистон ва сектори хусусї, ва инчунин барои сектори хусусї ва иттињодњои тиљоратї (Корпоратсияи Прагма), мусоидат менамояд. АИМАРБ инчунин ислоњотро дар системаи њисобот ва гузаронидани тренинг (корпоратсияи Прагма), омўзиши тиљоратї ва иќтисодї (Муваффаќиятњои Љавонон),

микромолияњо (ACDI/VOCA) ва рушди соњаи кишоварзї дар Тољикистон (Winrock International) дастгирї менамояд. Бо маќсади дастгирї намудани савдои минтаќавї АИМАРБ ќабулшавии Тољикистонро бо Созмони Умўмиљањонии Савдо (СБС) дастгирї менамояд, ва диќќати асосиро ба кам кардани монеъањо барои савдо ва васеъ намудани дастрасї ба маълумот дар бораи бозор (Ширкати гурўњњои хизматрасонї) равона менамояд. Кўмакрасонї ба Вазорати молия ва Бонки миллї барои бењтар намудани раванди буљет ва чорчўбаи сиёсати макроиќтисодї дар якчанд соњањо равона карда шудааст, аз он љумла идораи андозсупорї, сиёсати пулї ва назорати бонкї (BearingPoint). Дигар соњањое, ки ЮСАИД ба он диќќат медињад, такмил додани ќонунгузорї барои истифодаи замин мебошад, ки барои нигоњ доштани њуќуќи замин ва нигоњ доштани њуќуќњои фермерон барои истифодаи заминњои худ имконият медињад (Chemonics). АИМАРБ инчунин ташкил ва устувор намудани иттињодияњои истифодабарони обро дастгирї менамояд, бо маќсади кўмак расондан ба хољагидорон барои бењтар намудани системањои обёрї, ки истењсолот ва даромадњои хољагидоронро зиёд менамояд (Winrock International). АИМАРБ инчунин якчанд чорабинињоро дар соњаи кишоварзї дастгирї менамояд бо роњи муайян намудан ва бартараф намудани монеањо дар расидани мањсулот аз истењсолкунанда то ба истифодабаранда бо роњи гузаронидани тренинг, расонидани кўмаки техникї ва омўзондани технология дар сатњи хољагидорон (Ташаббусњои альтернативии рушд). АИМАРБ инчунин ба рушди бозори минтаќавии ќувваи барќ мусоидат менамояд ва Њукумати Тољикистонро дар љорї намудани ислоњот дар сектори электрикии кишвар бо роњи кўмак расондан дар ташкил кардани бозори шаффоф ва раќобатнок оиди ќувваи барќ (иттињодияи энергетикии ИМА) дастгирї менамояд.

АИМАРБ зери созишномаи дутарафа бо Њукумати Тољикистон амал менамояд ва созмони калонтарини донорї (иборат аз як кишвар) дар кишвар мебошад. Барномањои АИМАРБ дар Тољикистон бо роњи имзо намудани шартномањо ва додани грантњо ба зиёда аз 30 созмонњои мањаллї ва байналмиллалї иљро карда мешавад, аз он љумла агентињои СММ, ширкатњои тиљоратї ва созмонњои ѓайрињукуматї.